Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятноки ҷомеа

# Боҷу ХИРОҶ

№6 (1155)

Панҷшанбе, 7 феврали соли 2019

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МОҲИЯТИ ПЕШНИҲОДИ ЭЛЕКТРОНИИ ҲИСОБОТ

Пешниҳоди электронии ҳисобот фаъолияти корманди мақомоти андоз ва кори андозсупорандаро осону шаффоф мегардонад



МАНБАЪҲОИ АНДОЗБАНДӢ

### АНДОЗБАНДИИ ПУРРАИ МОЛУ МУЛК



Яке аз манбаъҳои асосии ғанӣ гардондани буҷаи кишвар

▷ с. 3

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

### ҲОЛАТҲОИ НОГУВОР



То ҳанӯз ғайрирасмӣ истифода кардани коргарони кироя ва ба таври сифрӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба назар мерасад

▷ с. 4

МУСОҲИБА

### ВОСИТАИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ДАРОМАД

МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақди андозсупорандагон ба ҳисоб меравад

▷ с. 8

ТАҲЛИЛ

### КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

Гузаронидани назорати камералӣ дар ҳолати пайдо гардидани шубҳа оиди пинҳон намудани манбаъҳои андозбандии андозсупоранда

▷ с. 10

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ



### СЕМИНАР-МАШВАРАТҲО ДАР СОЛИ 2018

Яке аз шаклҳои асосии корҳои фаҳмондадиҳӣ ин гузаронидани семинар-машваратҳо мебошад

с. 12

◀ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ ▶

### ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

Андешаҳо перомуни Паём дар масъалаи дастгирии соҳибкорӣ

▷ с. 12

## Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавров



**5 феврали соли 2019 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавровро, ки бо сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор дорад, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили вобаста ба ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россия баррасӣ шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат изҳор доштанд, ки "Рушди мунтазами муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад".

Ҳалли масъалаҳои байниминтақавии тиҷоратӣ-иқтисодӣ, таҳияи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, ҷалби технология барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар заминаи ашёи хом, коркарди нахи пахта, меваю сабзавот, маҳсулоти чорво, аз худкунии неъматҳои табиӣ, афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳои Россия, баррасии масъалаҳои ташкили марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ, аз самтҳои муҳиму оиндадори равобити ду кишвар номида шуд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳои ҳамгироии сиёсӣ, амнияти минтақавӣ, ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ, оид ба мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, қочоқи маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, вазъи мураккаби сиёсӣ дар Афғонистон, ҳифзи сарҳади давлатӣ, татбиқи Барномаи модернизатсияи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

Ҷонибҳо зимни мулоқот ҳамчунин масъалаҳои мубрами ҳамкорӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, фарҳангию гуманитарӣ, илму маориф, аз ҷумла сохтмони мактабҳои омӯзиши забони русӣ, ҷалби омӯзгорони рус ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҳамаҷониба баррасӣ намуданд.

Дар вохӯрӣ ҳамчунин дигар мавзӯъҳои вобаста ба муносиботи дуҷонибаи минтақавию байналмилалӣ муҳокима шуд.

## Вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Россия Барномаи ҳамкорӣ барои соли 2019-ро ба имзо расониданд

5 феврали соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия С. Лавроврo, ки бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, ба ҳузур пазируфтанд. Зимни мулоқот масъалаҳои мубрами ҳамкории дуҷониба ва раванди омодагӣ ба сафари расмии Сарвари давлат ба Федератсияи Россия мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Имрӯз ҳамчунин дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ миёни Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ва Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавров баргузор гардид, иттилоъ медиҳад хабарнигори АМИТ «Ховар».

Зимни суҳбат масоили татбиқи мувофиқаҳои қаблан ҳосилшуда, ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистону Россия дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, инчунин масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Тарафҳо доир ба идомаи муколамаи созанда ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои мухталиф изҳори омодагӣ намуданд.

Дар фарҷоми мулоқот Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия барои соли 2019 ба имзо расид.

## Рустами Эмомалӣ ба шаҳри Хоруғ як автогрейдер ва як боркунаки фронталӣ тақдим кард



Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ду техникаи муосири роҳнигоҳдорӣ-автогрейдер ва боркунаки фронталӣ тақдим кард. Техникаи мазкур ба маблағи зиёда аз 1 млн. сомонӣ харида шуда, дар як вақт се амалро иҷро мекунад. Дар ин бора ба хабарнигори АМИТ «Ховар» аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ иттилоъ доданд.

Тавре муовини сардори Раёсати Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эгамбердӣ Хуҷаев зикр кард, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини паркҳои технологии муассисаҳои роҳнигаҳдории ВМКБ ва навоҳии минтақаи Рашт 81 адад техника ва механизми роҳсозӣ бо харҷи беш аз 5 миллион доллар харидорӣ гардиданд.

Ба иттилои манбаъ, дар марҳалаи аввал аз Ҷумҳурии мардумии Чин 23 техникаи пуриқтидори роҳнигоҳдорӣ ба қаламрави мамлакат ворид карда мешаванд. 6 адад боркунаки фронталӣ аллакай ба ҳудуди вилоят ворид шудаанд.

Техникаи муосири роҳсозӣ дар назди бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон саф ороста, дар ҳузури иҷрокунандаи вазифаи раиси ВМКБ Ёдгор Файзов ба шаҳру ноҳияҳои вилоят тақсим карда шуд.

## Иттифоқи «Тоҷикматлубот»: зиёд шудани дӯконҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба паст шудани нарх мусоидат менамояд

Соли 2018 ба воситаи ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ барои сокинони шаҳри Душанбе 749 тонна маҳсулот бо нархҳои аз бозор нисбатан арзон ба фурӯш барварда шуд. Барои таъминоти аҳолӣ дар давраи тирамоҳу зимистони соли 2018 дар ҳаҷми умумии 1026 тонна маҳсулоти кишоварзӣ захира гардид. Дар ин бора имрӯз зимни нишасти матбуотӣ муовини раиси Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Хуршед Сангаков ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Ба саволи хабарнигорон дар мавриди гуногунии нархҳо дар ярмарка- фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ номбурда зикр намуд, ки нархҳо зери назорати доимӣ қарор доранд.

«Паст намудани нархҳо вазифаи асосии мо буда, дар ин самт ҳолати бозори яклухт, нарх ва маҳсулот мавриди омӯзиш қарор дорад. Дар ярмаркаҳои озуқаворӣ нархҳо нисбат ба бозорҳо ҳамеша поёнтаранд»,- илова намуд муовини раиси«Тоҷикматлубот».

Ба гуфтаи мавсуф, дар ҳолати аз ҷониби сокинон пайдо шудани эътироз онҳо метавонанд ба «Тоҷикматлубот» муроҷиат кунанд. Дар ин ҳолат тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Айни замон ҷамъияти «Тоҷикматлубот» бо истифода аз мошинҳои сайёр ярмаркаҳо ташкил намуда, ба сокинони пойтахт маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод менамояд.

«Бо мақсади таъмини сокинон бо маҳсулоти кишоварзӣ мо ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо пешниҳод муроҷиат намудем, ки дар ҳудуди пойтахт нуқтаҳои фурӯши сабзавот ташкил намоем. Ин масъала дар ҳоли баррасӣ қарор дорад. Агар ин масъала мусбат ҳал гардад, дар ин ҳолат мушкилоти зиёди мавҷуда ҳалли худро меёбанд. Зеро дар сурати зиёд шудани дӯконҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ нархҳо арзон шуда, аҳолӣ сари вақт бо маҳсулоти хушсифат таъмин мешавад», — зикр намуд номбурда.

## Сироҷиддин Икромӣ: «Амонатбонк» дар самти ҷалби бештари занон ба низоми бонкӣ фаъол аст»

**«Амонатбонк», ки ягона бонки давлатӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад, дар самти ҷалби ҳарчи бештари занону духтарон дар сохтори бонкӣ ба кор дар қиёс ба дигар бонкҳои кишвар муваффақ гардидааст.**

Раиси тозатаъини Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Сироҷиддин Икромӣ 5 феврал дар Душанбе дар ҷамъи хабарнигорон бо дахли масъалаи мазкур гуфт, ки айни замон дар «Амонатбонк» 1087 нафар занон фаъолият доранд, ки он 42,4 фоизи шумораи умумии кормандони соҳибтахассусро ташкил медиҳад.

«Роҳбарияти «Амонатбонк» саъй намуда истодааст, ки дар оянда теъдоди занонро дар низоми бонкӣ зиёд намуда, панҷоҳ фоизи шумораи кормандони роҳбарикунандаи филиалҳои БДА «Амонатбонк»-ро аз ҳисоби занон таъмин намояд»,- иброз намуд С. Икромӣ.

Ҷалби бештари занон ба сохторҳои бонкии мамлакат дар ҳолест, ки Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ба роҳбарони бонкҳои ҷумҳурӣ дастур доданд, ки сафи кормандони бонкҳоро аз ҳисоби занон зиёд намоянд.

# Андозбандии пурраи молу мулк



**Яке аз манбаъҳои асосии ғанӣ гардондани буҷаи ҷумҳурӣ пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ мебошад.**

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди маъмурикунонии андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ, татбиқи пурраи барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо – шахсони воқеӣ» (Тафсири 3), таъмини самаранокии фаъолият ва риояи талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, тибқи муқаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба қатъ намудани истифодабарии расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф дар мақомоти ҳудудии андоз» ва Фармоиши Кумитаи андоз «Доир ба вобаста намудани супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз рӯи минтақаҳо дар мақомоти ҳудудии андоз» ба табъ расид, ки мақсад аз интишори фармоишҳои мазкур таъмини волояти қонун, дарёфти манбаъҳои иловагии андоз ва пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани андозсупорандагон мебошад.

Пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ яке аз манбаъҳои воқеии воридоти маблағи андоз ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад. Вале таҳлилҳо собит менамоянд, ки масъалаи мазкур аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҳанӯз ҳам пурра мавриди амал қарор дода нашудааст. Бо ибораи дигар, дар масъалаи андозбандии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бархе аз мақомоти андоз дар маҳалҳо тавачҷуҳи дахлдор зоҳир наменамоянд.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади пурра аз нав ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дохил намудани маълумот ба барномаи компютерӣ ва инчунин, ислоҳи камбудиҳои дар барномаи компютерии Системаи итилоотии андоз «Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ» (Тафсири 3) буда, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, № 192 «Оиди инвентаризатсияи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» ба имзо расида, мӯҳлати ниҳоии чорабинии мазкур то 1 январи соли 2019 муқаррар гардида буд. Мақсад аз гузаронидани чорабинии мазкур, пеш аз ҳама, бақайдгирии пурраи объектҳои молу мулк ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб меравад. Вале чуноне, ки аз мушоҳидаю таҳлилҳо бармеояд, сифати гузаронидани баҳисобгирӣ ва рафти бақайдгирии объектҳои андозбандӣ на дар ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз ба талаботи рӯз ҷавоб медиҳад.

Бо мақсади ошноӣ пайдо намудан бо вазъи кунунии масъалаи мазкур роҳи мақомоти андоз дар шаҳри Ҳисорро пеш гирифтем ба атрофи масъалаи иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27. 08. 2018, № 339 «Доир ба вобаста намудани супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз рӯи минтақаҳо дар мақомоти ҳудудии андоз» бо мутахассисони соҳа ҳамсуҳбат гардидем. Мутаассифона, чуноне аз рафти сӯҳбат маълум гардид, дар мақомоти ҳудудии андоз оид ба таъмини иҷрои фармоиши Кумитаи андоз аз 28. 04. 2017, №192 «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» як қатор корҳо анҷом дода шуда бошад ҳам, вале иҷрои фармоиши мазкур пурра ва сифатан таъмин карда нашудааст. Зеро масъалаи бақайдгирии амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ ба ҳолати 15. 01. 2019 ба андозаи 95,9 % ва замин ба андозаи 89,5 % таъмин карда шудааст. То имрӯз аз 36444 нафар супорандаи андози молу мулки ғайриманқул 34653 нафар ва аз 39180 нафар супорандаи андози замин 35048 нафари он ба қайд гирифта шуданд, ки нисбат ба имкониятҳои мавҷуда натиҷаи хеле паст аст. Дар рафти азнавбақайдгирӣ беш аз 572199 метри мураббаъ биноҳои истиқоматӣ ва 427152 метри мурабаъ биноҳои ёрирасони дар қайди андоз набуда ё масоҳатҳои иловагӣ дар фаъолияти соҳибмулкон ошкор карда шуд, ки дар асоси он 890322 сомонӣ маблағҳои иловагии андоз ҳисоб карда шуда, 819970 сомонии он ба буҷа ворид шуд. Ҳамин тавр, дар рафти гузаронидани азнавбақайдгирӣ дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳракҳо масоҳати иловагии замин ба таври изофа дарёфт ва ошкор карда шуд, ки он, дар маҷмӯъ, 4515,07 метри мурабаъро ташкил медиҳад.

Месазад қайд кард, ки иҷрои нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ дар соли 2018 дар ноҳия пурраю барзиёд таъмин карда шуд, зеро ба буҷаи мамлакат ба ҷои 5502400 сомонии пешбинишуда 5526539 сомонӣ ворид гардид, ки 24139 сомонии он илова ба нақшаи солона мебошад. Албатта, барзиёд иҷро шудани нақша маънии онро надорад, ки тамоми андозсупорандагон пурра ба андозбандӣ фаро гирифта шуда бошанд. Зеро дар ин самт ҳанӯз камбудиҳо ҷой доранд. Масалан, баъди ба табъ расидани Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба қатъ намудани истифодабарии расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3 Ф дар мақомоти ҳудудии андоз» ҳанӯз ҳам андозсупорандагон чун солҳои пеш барои пардохти андози амволу мулк ба ҷамоатҳои деҳоту шаҳрак муроҷиат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз аз оғози соли 2014 дар мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ва ташкили махзани ягона оиди баҳисобгирии пурраи супорандагони андоз аз молу мулк ва уҳдадории андозии соҳибмулкон барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз «Баҳисобгирии андозҳо - шахсони воқеӣ» (Тафсири 3) мавриди истифода қарор дода шудааст, ки он давра ба давра такмил дода шуда, дар айни замон дар мақомоти ҳудудии андоз пурра мавриди истифода қарор дорад. Мавриди зикр аст, ки барномаи мазкур дар навбати аввал имконият медиҳад рӯйхати соҳибмулкон бо суроғаи бақайдгирифташуда аз рӯи таъиноти истифодабарӣ, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда нисбат ба ҳар як соҳибмулк аз рӯи куча, маҳалла, шаҳру ноҳия, изофапулӣ ва қарзи андозҳо, ҳисобкунии ҷарима ва фоизҳо барои сари вақт пардохт накардани маблағи андозҳои ҳисобшуда ташаккул дода шуда, дар он инчунин ба таври автоматӣ таҳия намудани огоҳинома барои пардохти маблағи қарз, муайян намудани шумораи объектҳои бақайдгирифташудаи шаҳрвандон дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, омода намудани ҳисоботи алоҳидаи ҷамъбастӣ аз рӯи шумора, масоҳат, маблағҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақияи қарзи андозҳо бо нишон додани нозирони мутасаддии шуъбаҳои баҳисобгирӣ ва шуъбаҳои ташкили андозбандӣ дақиқ ва самаранок муайян карда шавад.

Маҳз бо ҳамин мақсад дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба вобаста намудани супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз рӯи минтақаҳо дар мақомоти ҳудудии андоз» кормандони шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ ва бахши баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои андозӣ нозироти андоз ба ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳамчун шахсони масъул вобаста карда шуданд, ки он натиҷаи диҳоҳ хоҳад дод. Чуноне аз натиҷаҳои бадастомада маълум аст, дар сурати анҷоми босифати маъракаи азнавбақайдгирӣ боз садҳо ҳазор сомонӣ ҳамчун маблағҳои иловагии андоз ба буҷа ворид мегардад, ки ин дар самти татбиқи амалии қонунгузории андоз дастоварди хубе хоҳад шуд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Ҳисор**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## РФ обсудит со странами Евросоюза введение глобального налога на крупные IT-корпорации

**Глава МЭР России считает, что монополии нужно регулировать ради безопасности остального общества**

РФ собирается обсудить с европейскими государствами введение нового глобального налога на доходы крупных компаний, которые предлагают цифровые услуги, заявил глава Минэкономразвития РФ Максим Орешкин, пишет ТАСС.

«Есть темы, над которыми мы работаем совместно (с европейскими странам): увеличение доли евро, и, например, новая инициатива французов, над которой мы сейчас будем вместе с ними работать, - это новая система налогообложения крупных IT-компаний: Google, Facebook, Amazon, Apple, они эту группу назвали GAFA. Сейчас планируют на нее ввести новый налог, будем обсуждать, как эту тему сделать глобальной», - сообщил Орешкин.

«Это де-факто монополии, которые сейчас аккумулируют большую прибыль и находятся в очень льготном режиме налогообложения», — поведал он. По словам министра, естественные монополии нужно регулировать, чтобы предотвратить причинение ими ущерба всему остальному обществу.

«То, что мы видим у всех этих компаний, - это гигантский объем прибыли из-за того, что они сформировали большую базу пользователей, которые их эксплуатируют», — заявил глава МЭР. По его мнению, это проблема всего мира, и с европейскими коллегами в дальнейшем планируется ее активное обсуждение.

**Источник: http://taxpravo.ru/novosti**

# Ташкили андозбандии шахсони воқеӣ



Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.09.2014 таҳти №262 «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ» кормандони шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом ба кӯчаҳои шаҳр сафарбар гардидаанд. Баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул мувофиқи маълумот дар ҳудуди шаҳру ноҳия аз 35520 хоҷагӣ ва хонаҳои истиқоматии дарқайдбуда, дар 32 293 хоҷагӣ азнавбақайдгирӣ гузаронида шудааст. Аз ин хоҷагиҳо дар барномаи СИА «Баҳисобгирии шахсони вокеӣ» то санаи 1-уми январи соли 2019 аз тарафи кормандони шуъба 31709 адад маълумот ба барнома дохил шудааст, ки ин нишондиҳанда 90 фоизро ташкил менамояд. Сабаби ба барномаи СИА пурра дохил нашудани маълумоти нави азнавбаҳисобгирӣ ин мавҷуд набудани РМА-и як қисми аҳолӣ мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани азнавбақайдгирӣ дар миқёси шаҳру деҳоти Конибодом аз тарафи кормандони нозироти андоз ба маблағи зиёда аз 2 миллион сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор ва пурра ба буҷети давлатӣ пардохт карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, соли 2018 нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом ба андозаи 101 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 7 миллиону 337 ҳазору 825 сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Аз ҷумла, нақшаи андози молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар ҳаҷми 6 миллиону 537 ҳазору 950 сомонӣ ва ё 102 фоиз таъмин шудааст. Иҷрои нақшаи андози замин аз шахсони воқеӣ ҳамагӣ 93% таъмин шуда, аз ҳисоби андози мазкур маблағи 799,9 ҳазор сомонӣ ҷамъоварӣ гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 64,1 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

- Аз ҷониби кормандони мақомоти андоз дар самти андозбандии иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ низ корҳо анҷом ёфта истодаанд, - зикр дошт сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеӣ Солеҳҷон Солиев. - Дар ҳудуди шаҳр масоҳати умумии молу мулки ба иҷора додашуда 23361 м2 буда, маблағи ҳисобшудаи иҷорапулӣ 854,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Соли гузашта аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба маблағи 135,6 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб шуда. пурра ба буҷети давлатӣ пардохт шудааст.

Дар соли 2018 нисбати шахсони воқеӣ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар асоси моддаҳои 600, 601, 603, 614, 615 ва 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 162 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 166,4 ҳазор сомонӣ татбиқ гардидааст. Ҳамчунин, ба 5616 шаҳрванд огоҳиномаҳои такрорӣ оид ба қарзи андози молу мулки ғайриманкул ба маҳаллаҳо ва биноҳои истиқоматӣ ба маблағи 690,2 ҳазор сомонӣ ирсол карда шудааст. Нисбати шаҳрвандоне, ки муоинаи техникии автомобилиро нагузаштаанд 350 адад, нисбати хариду фурӯши молу мулк 251 адад огоҳинома ирсол ва аз ин ҳисоб зиёда аз 251 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ситонида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом дар ҷамъбасти соли 2018 нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 105 фоиз таъмин кард. Воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ 84 миллиону 399,3 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нишондод нисбати нақшаи пешбинишуда 3 миллиону 966,3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра иҷрои нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 119 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 20549 ҳазор сомонӣ ворид шуд. Танҳо иҷрои 1 намуди андоз дар ин давра таъмин нагардид. Ин ҳам андози фоида аст, ки ҳамагӣ ба андозаи 59% иҷро шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 3810,6 ҳазор сомонӣ кам маблағ ворид гардид.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

Натиҷаи корҳои назоратӣ ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ғайрирасмӣ истифода кардани коргарони кироя ва ба таври сифрӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ аз ҷониби корфармоён, инчунин, дар ҳисоботҳои андозӣ аз тарафи соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда пурра нишон надодани шумора ва фонди музди меҳнати воқеии коргарон ҳануз ҳам ба назар мерасад.

# Ҳолатҳои ногувор

## Шумораи коргарони кироя ва маблағҳои воридшуда

Мутобиқи маълумот ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 23919 адад коргари кирояи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайд гирифта шудааст ва аз ин ҳисоб ба маблағи 86,0 миллион сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи коргарон дар маҷмӯъ, 1427 адад ва маблағи воридотии андозҳо аз ин ҳисоб, дар маҷмӯъ, 9,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда маблағи миёнаи музди меҳнат дар ҷумҳурӣ ба як коргари кирояи соҳибкори инфиродӣ 776,3 сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи маблағи миёнаи музди меҳнат ба як коргари кироя мутаносибан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 262,3 сомонӣ, вилояти Хатлон 507,7 сомонӣ, вилояти Суғд 604,0 сомонӣ, шаҳри Душанбе 1122,6 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, ба 892,2 сомонӣ баробар мебошад.

## Ҳадди ақал ва музди меҳнати воқеӣ

Ёдовар бояд шуд, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2016 сар карда андозаи ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба 400 сомонӣ расонида шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба корманди кирояи худ ҳадди ақали музди меҳнатро пардохт намояд. Музди меҳнат бояд воқеъбинона ва бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозор муайян шавад.



Аммо, тавре муайян шудааст, музди меҳнати воқеии коргарони кирояро соҳибкорони инфиродӣ дар ҳисоботҳояшон ҳатто аз ҳадди ақали муқаррар гардида ҳам кам нишон додаанд. Масалан, он дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 272,8 сомонӣ, Ванҷ 382,7, Рушон 136,7, Шуғнон 193,5, Роштқалъа 312,7, Ишкошим 252,5, Мурғоб 83,6, Вахш 390,4, Ҷайҳун 379,2, Кушониён 377,9, Панҷ 352,7, Норак 389, Носири Хусрав 398,4, Деваштич 274,7, Истиқлол 396,6, Мастчоҳ 111,7 Бобоҷон Ғафуров 358,5, Шаҳристон 376,4, Лахш 98,6, Нуробод 125 ва Тоҷикобод 346,8 сомониро ташкил медиҳад, ки ҳолати мазкур ба воқеият рост намеояд.

## Камшавии шумораи коргарони кироя ва воридоти андозҳо

Бояд қайд кард, дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 шумораи коргарони кироя дар шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа 2 адад, Панҷ 19 адад, Шамсиддин Шоҳин 7 адад, Балҷувон 1 адад, Ховалинг 1 адад, Хуросон 10 адад, Айнӣ 2 адад, Гулистон 16 адад, Хуҷанд 111 адад, Спитамен 85 адад, Роғун 1 адад, Ҳисор 50 адад ва Файзобод 5 адад кам гардидааст.

Дар баробари камшавии шумораи коргарони кироя маблағи воридоти андозҳо низ дар шаҳру ноҳияҳои алоҳида кам шудааст. Аз ҷумла камшавии маблағи андозҳо аз ҳисоби коргарони кирояи соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ – 42,1 ҳазор сомонӣ, Ванҷ – 6,0 ҳазор, Шуғнон – 19,2 ҳазор, Роштқалъа – 8,3 ҳазор, Кушониён – 4,0 ҳазор, Панҷ -3,5 ҳазор, Кӯлоб 70,7 ҳазор, Восеъ - 48,5 ҳазор, Истаравшан -217,5 ҳазор, Ҷаббор Расулов -201,7 ҳазор, Шоҳмансур -1040,2 ҳазор, Исмоили Сомонӣ -125,0 ҳазор, Фирдавсӣ 233,6 ҳазор, Ҳисор - 483,0 ҳазор ва Рӯдакӣ -230,3 ҳазор сомонӣ ба назар мерасад.

## Тадбирандешӣ

Гарчанде шумора ва маблағи воридоти андозҳо аз ҳисоби коргарони кирояи соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, вале дар шаҳру ноҳияҳои Вахш, Ёвон, Муъминобод, Деваштич, Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Турсунзода ва Нуробод камшавии фонди музди миёнаи меҳнат дида мешавад.

Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки нишондиҳандаҳои камшавии шумора ва фонди музди миёнаи меҳнати коргарони кирояи соҳибкорони инфиродиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, ҳангоми қабули ҳисобот ба нишондиҳандаҳои мазкур диққати ҷиддӣ диҳанд. Инчунин, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар муқоиса бо маълумоти дастрасгардида дар фаъолияти андозсупорандагон корҳои таҳлилию назоратиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# «Фаворит Давоса»: WSJ констатировала падение Макрона

Президент Франции Эммануэль Макрон был когда-то «фаворитом Давоса», однако в этом году вынужден пропустить Всемирный экономический форум (ВЭФ) из-за продолжающихся протестов движения «желтые жилеты», пишет The Wall Street Journal.

Как отмечает издание, его отсутствие говорит о том, как быстро очаги популизма могут захватить далеких от этого мировых лидеров. Всего год назад участники ВЭФ были в близком к эйфории состоянии после избрания Макрона президентом Франции. Бывший инвестиционный банкир стал воплощением квинтэссенции «людей Давоса», отмечает газета.

Однако введение налогов на топливо для борьбы с изменением климата привело к появлению протестного движения и вылилось в еженедельные антиправительственные акции, которые сопровождались поджогами автомобилей, разбиванием витрин магазинов и даже штурмом кабинета одного министра, пишет WSJ.

С этих пор французский президент стал напоминанием тех последствий, которые могут настигнуть других мировых лидеров, далеких от чаяний своего народа.

**https://news.mail.ru**

# Моҳияти пешниҳоди электронии ҳисобот

**Гузариш ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андозӣ тақозои замон буда, ҳам фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ҳам кори андозсупорандагонро дар ин самт осону шаффоф месозад. Ин аст, ки ба ин масъала аз ҷониби роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса равона шудааст. Имрӯзҳо дар мақомоти ҳудудии андози кишвар, аз ҷумла Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои он барои ҳарчи зудтар ва пурра ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андозӣ гузаронидани андозсупорандагон тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд.**



Тавре, ки сардори Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол Фаррух Ҳакимов иттилоъ дод, оид ба гузариш ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботҳои андози андозсупорандагон аз тарафи нозироти андоз пайваста корбарӣ шуда истодааст. Дар айни ҳол 95 фоизи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии амалкунанда дар Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол ба ин шакли пешниҳоди ҳисоботи андозӣ гузаштаанд. Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт давом дошта, дар оянда наздик ҳамаи андозсупорандагони нозироти андоз ба ин шакли пешниҳоди эъломияи андоз гузаронида мешаванд.

Ба санаи 1-уми январи соли 2019 дар Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол 84 шахси ҳуқуқӣ, 45 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 158 соҳибкори инфиродии тибқи патент амалкунанда фаъолият мебаранд. Аз шахсони ҳуқуқӣ 88,0%, аз соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 87,0% эъломияҳои андозии худро сари вақт ва бо пуррагӣ пешниҳод менамоянд.

Маълумоти оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи соҳибкорон дар шаҳр тадриҷан меафзоянд. Дар қайди нозироти андоз ба ҳолати имрӯза 161 соҳибкори инфиродӣ тибқи патент фаъолият карда истодаанд, ки ин рақам нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4 адад зиёд мебошад. Мувофиқи нақшаи муайянкардаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварии маблағи андози патент барои соли 2018 дар Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол 259,0 ҳазор сомонӣ муайян шуда буд. Дар асл, аз ҳисоби ҳама манбаъҳо дар ин давра 269,8 ҳазор сомонӣ маблағи андози патент ҷамъоварӣ гардидааст.

Тибқи талаботи моддаҳои 38 ва 39 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд. Зеро мошинҳои назоратию-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақдии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад. Бояд қайд намуд, ки нозироти андози шаҳр соли гузашта дар фаъолияти 15 андозсупоранда мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) насб намудааст, ки баробар ба 125,0 фоизи нақша мебошад.

Ҳамзамон, барои истифода накардани МНХ ва ё надодани чипта ба истеъмолкунандагон дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Нозироти андоз нисбати 11 қонунвайронкунӣ дар ин самт тибқи моддаи 614 Кодекси мазкур протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 25000 сомонӣ ва нисбати 1 нафар тибқи банди 1 моддаи 615 ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима татбиқ намудааст.

Нозироти андози шаҳр бо мақсади кам кардани бақияпулӣ ва роҳ надодан ба пайдоиши қарзҳои нави андоз дар ин самт низ чораҳои амалӣ меандешад. Соли 2018 ба андозсупорандагон ба маблағи 1746,6 ҳазор сомонӣ 72 огоҳинома дода шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 1135,4 ҳазор сомонӣ ворид шуд. Инчунин, тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 14 андозсупорандаи қарздор 38 қарор ба маблағи умумии 2971 ҳазор сомонӣ қабул гардида, то ин дам 75,2 фоизи он ба буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст. Натиҷаи корҳои ба анҷом расонидаи нозироти андоз буд, ки ба санаи 1-уми январи соли 2019 бақияи қарзи андозсупорандагон нисбати аввали соли 2018-ум 90603 сомонӣ кам гардидааст.

- Нозироти андоз дар шаҳри Истиқлол, дар маҷмӯъ, соли 2018 иҷрои нақшаи андозҳо ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетиро ба андозаи 104,6 фоиз таъмин кард, - гуфт Фаррух Ҳакимов. - Ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 16645,3 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 736,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки минбаъд ҳам тамоми таҷриба ва дониши худро барои сарбаландона иҷро намудани супоришу вазифаҳои ба зиммаамон гузошташуда равона сохта, иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»-ро низ сари вақт ва пурра таъмин намоем.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**Ба мақсади дар амал ҷорӣ кардани барномаҳои махсуси Ҳукумати электронӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ кулли бахшҳои Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайрманқул” ба низоми нави электронӣ гузашт. Барномаи мазкур бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба зиммаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ҳамчунин Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.**

# Татбиқи барномаи САБТ дар ВМКБ



Ба гуфтаи директори Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайрманқул” дар шаҳри Хоруғ Маснав Саидзокиров барномаи САБТ ба кормандони корхона имконият фароҳам меорад, ки дар зудтарин фурсат молу мулки шаҳрвандонро ба қайди давлатӣ гирифта, тамоми асноду ҳуҷҷатҳои заруриро дар мӯҳлати кутоҳ таҳия ва ба дасти онҳо супоранд. Ҳар як шаҳрванд дар навбати худ ӯҳдадор аст, ки минбаъд андоз аз молу мулки ғайрманқули худро тавассути барномаи системаи иттилоотии макони зисташ сари вақт пардохт намояд. Барномаи мазкур шаффофияти ҳисобу китобро дар фаъолияти ҳам Корхонаи давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайрманқул” ва ҳам мақомоти андоз ба таври комил таъмин карда, амалҳои коррупсиониро батадриҷ дар ин ду ниҳод решакан менамояд.

Мақсади аслии ин барнома, агар аз як сӯ содаву осон кардани низоми бақайдгирии молу мулки ғайрманқули шаҳрвандон, ба замони муосир мутобиқ намудани хизматрасонӣ бошад, аз сӯи дигар низоми андозсупориро ба як маҷрои муайян ворид месозад. Бо ибораи дигар агар қаблан дар як рӯз 20 ҳуҷҷати бақайдгирии давлатӣ ба шаҳрвандон дода мешуд, ҳоло бо тарзу усули электронӣ то 200 ҳуҷҷату санади шаҳрвандонро ба расмият даровардан мумкин аст.

Тавре сардори Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ Фахриддин Муҳиддинов мегӯяд, андоз аз молу мулки ғайрманқули шаҳрвандон яке аз он намудҳои андоз аст, ки дар ғанизосии буҷаи давлатӣ нақши калидӣ дорад. Аммо на ҳамаи шаҳрвандон ҳанӯз ба таври пурра молу мулки ғайрманқули худро сабти ном кардаанд ва дар супоридани ин намуди андоз ҳам ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд. Ин амали онҳо боиси зиёд гардидани қарздорӣ дар назди мақомоти андоз мегардад. Ҷорӣ гаштани барномаи САБТ, ки мақомоти андоз низ дар амалӣ гардидани он саҳм гузоштанд, минбаъд ба пардохти саривақтии андоз аз молу мулки ғайрманқули шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард.

**Довар БОВАР**



# Самараи фаъолият

**Ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ба зиммаи шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд вогузор аст, дар соли 2018 ба андозаи 105,7% иҷро гардида, ба буҷети давлатӣ 1 миллиарду 226,6 млн. сомонӣ ворид шуд. Маблағи воридшуда ба қисми даромади буҷети давлатӣ назар ба нишондиҳандаи нақшавӣ ба андозаи 65 млн. 954 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар ин давра 104,6% таъмин шуда, ба суратҳисоби дахлдори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳру ноҳияҳои вилоят 168 млн. 180 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда ба маблағи 7 млн. 459 ҳазор сомонӣ бештар аст.**



Дар шуъба ҳамаи шаҳру ноҳияҳо нақшаи ҷамъоварии андозҳоро, ба истиснои шаҳри Истаравшан (98,3%), инчунин буҷети вилоятиро низ иҷро намудаанд. Аз 11 намуди андоз ва дигар пардохтҳои давлатии ба шуъба алоқамандбуда, иҷрои сифатнок ва барзиёдӣ 10 намуди онҳо таъмин шудааст. Танҳо нақшаи воридоти андоз аз даромад (89,0%) иҷро нашуда, аз ҳисоби ин намуди андоз 13 млн. 813 ҳазор сомонӣ маблағ ба буҷети давлатӣ ворид нагардид. Сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи воридоти андоз аз даромадро дар фаъолият накардани корхонаҳо дар мисоли филиали ҶСК “Агроинвестбонк” ба маблағи 601,7 ҳазор сомонӣ, ҶСП “Ресандаи Тоҷикистон” 367,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Исо Транс” 3 млн. 940 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Олим Текстайл” 273,9 ҳазор сомонӣ маънидод мекунанд.

Бо дарназардошти ҳолати мавҷуда кормандони шуъба вазифадор мебошанд, ки махзани маълумоти барномаҳои компютерии СИА-ро оид ба маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо ва инчунин гаронии миёнаи андозҳои андозсупорандагонро пайваста таҳлил намуда, барои пешгирии беасоси изофапулиҳо чораҳои қатъӣ андешанд.

Шумораи умумии коргарони кирояи андозсупорандагони дар қайди шуъбабуда дар давраи ҳисоботӣ дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, 14 нафар зиёд, инчунин фонди музди меҳнати коргарони кироя ба маблағи 31 млн. 414 ҳазор сомонӣ ва музди миёнаи моҳона ба маблағи 228 сомонӣ, зиёд гардидааст.

- Ташвишовар он аст, ки новобаста аз супоришҳои чандинкаратаи роҳбарияти Кумитаи андоз оид ба андешидани тадбирҳо ҷиҳати зиёд кардани шумораи коргарони кироя, даромадҳои дар шакли музди меҳнат ҳисобшудаи онҳо ва музди меҳнати миёна, амалӣ намудани корҳои назоратӣ барои дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ва иҷрои нақшаи ҷамъоварии андози иҷтимоӣ дар шуъба ин нишондиҳандаҳо дар давраи соли 2018 назар ба соли 2017 дар фаъолияти баъзе андозсупорандагони мушаххас тамоюли пастравӣ дорад, - қайд намуд Давлатбек Сафолов.

Таҳлили раванди таъмини иҷрои нақша ва ҷамъоварии андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар шуъба маълум намуд, ки иҷрои нақшаи воридоти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара (106,0%), Гулистон (100,6)%, Панҷакент (106,1%), Истаравшан (111,2%), Бӯстон (124,2%), Айнӣ (105,9%), Мастчоҳ (101,6%), Хуҷанд (105,8%), Б.Ғафуров (101,0%), Ҷ.Расулов (101,9%) ва Спитамен (102,0%) таъмин гардидааст.

Яке аз муаммоҳои ҳалталаб дар фаъолияти шуъба, ин масъалаи бақияи қарзи андоз мебошад, ки ба фаъолияти самараноки гурӯҳҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон алоқамандӣ дорад. Новобаста ба он, ки тибқи талаботи муқаррароти моддаҳои 72-79 Кодекси андоз ва Дастури методӣ “Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо” аз тарафи шуъба дар самти ситонидани бақияи қарзи андозҳо чораҳои муайяне анҷом дода шуда бошанд ҳам, рақамҳо аз ғайриқаноатбахш будани фаъолияти гурӯҳҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон далолат мекунад.

Бақияи қарзи андозҳо ва дигар пардохтҳоии ҳатмии давлатӣ дар шуъба ба ҳолати 1-уми декабри соли 2018 маблағи 10 млн.118 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба якуми январи соли гузашта ба маблағи 1 млн. 249 ҳазор сомонӣ ё худ 11,2 % кам мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки 81,4 %-и маблағи бақияи қарзи андози мавҷудбуда ба 3 андозсупоранда: ҶСК “Ангишт” 7 млн. 113 ҳазор сомонӣ, КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон” 905 ҳазор сомонӣ ва ҶСП “Оби Зулол” 1 млн.131 ҳазор сомонӣ рост меояд. Ҳамчунин, андозсупорандагоне аз қабили ФҶСК “Тоҷиктелеком” 121,9 ҳазор сомонӣ, ҶСК “Нурафшон” 236,5 ҳазор сомонӣ, ҶСП “Хасан Абдулов” 50,8 ҳазор сомонӣ дар назди буҷети давлатӣ бақияи зиёди қарзи андоз доранд.

Мавриди қайд аст, ки бинобар сабаби ташвишовар будани ҳолати таъмини иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ роҳбарияти Кумитаи андоз дар ҷаласаҳои корӣ омилҳои ба ҷамъоварии андози иҷтимоӣ таъсиррасонандаро пайваста муҳокима ва баррасӣ намуда, мақомоти ҳудудии андозро вазифадор намудааст, ки барои ислоҳи камбудию норасогиҳо дар ин самти фаъолият ҷойдошта ҳамеша чораҷӯӣ намоянд. Аз ҷумла, барои мунтазам пардохт накардани андози иҷтимоӣ ва пешниҳод накардани эъломияи ин намуди андоз дар асоси талаботи муқаррароти моддаҳои 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозсупорандагоне, ки бақияпулиҳои андози иҷтимоӣ доранд, ё эъломияҳои андозро сари вақт пешниҳод намекунанд, протоколҳо тартиб дода, ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ намоянд. Ҳамин тариқ, соли 2018 бо дастрасии муқаррароти моддаи 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҶСК “Ангишт”, ФҶСК “Телеком”, ҶДММ “Газнафт”, ҶСП “Ресандаи Точикистон”, ҶДММ “Таком”, ФҶСП “Индиго Тоҷикистон” дар, маҷмӯъ, 8 адад протоколи маъмурӣ ба маблағи 43 000 сомонӣ оиди дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт пардохт накардани андози иҷтимоӣ татбиқ карда шудааст, ки ин нишондиҳанда айни ҳол ғайриқаноатбахш мебошад. Бо дарназардошти ин, кормандони шуъбаро зарур аст, ки барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти корӣ оид ба татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳо ва кам намудани маблағи бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагон дар давраҳои минбаъда мувофиқи дастур ва супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз чораҳои зарурӣ андешанд.

Бояд қайд намуд, ки дар самти корҳои назоратӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои нодуруст ё кам ҳисоб намудани андозҳо ва ё ҳолатҳои пинҳонкунии андозҳо дар моддаҳои 22 ва 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақомоти андоз ҳуқуқи анҷом додани корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши амалиётӣ, назорати камералӣ ва инчунин хариди назоратиро пешбинӣ намудааст. Аз рӯи маълумот соли 2018 аз ҷониби кормандони шуъба нисбати 44 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта 49 адад кам аст. Мувофиқи огоҳиномаҳои назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи умумии 33 млн. 160 ҳазор сомонӣ эҳтимоли ҳисобшавии андозҳои иловагӣ ошкор гардида, назар ба соли 2017 ба маблағи 18 млн. 820 ҳазор сомонӣ, кам мебошад. Соли сипаришуда, инчунин аз ҷониби кормандони шуъба 9 адад санчиши амалиётӣ ва 1 адад муоинаи хронометраҷӣ гузаронида шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаи хронометраҷӣ 481,1 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб шудаанд. Дар 37 ҳолат нисбати андозсупорандагони шуъба хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи хариди назоратӣ дар 32 ҳолат аз тарафи андозсупорандагон роҳ додан ба қонунвайронкуниҳои андоз ошкор шуданд. Ҳамин тавр, нисбати 31 шахси мансабдор ҷаримаҳои маъмурӣ ба маблағи 79,7 ҳазор сомонӣ ва нисбати 1 шахси ҳуқуқӣ ба маблағи 9 ҳазор сомонӣ татбиқ гардидааст.

Аз ин хотир, кормандони шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғдро лозим аст, ки дар фаъолияти минбаъда, вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷро карда, ҷиҳати таъмини риояи қонунгузории андоз ва дарёфти манбаъҳои иловагии андоз чораҳои зарурӣро андешанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Gucci задолжал в Италии в $1,6 млрд налогов

**Итальянские власти провели тщательное расследование уплаты налогов компанией**

Власти Италии оценили налоговую задолженность торгового дома Gucci в $1,6 млрд (€1,4 млрд), Пишет ТАСС со ссылкой на Bloomberg.

Итальянские власти провели тщательное расследование уплаты налогов Gucci в 2011–2017 гг., сосредоточив внимание на деятельности швейцарской компании Luxury Goods International, которая является дочерней компаний холдинга Kering, владеющего знаменитой торговой маркой.

Аналитики Citi Group считают, что в результате Kering может столкнуться с необходимостью уплаты до 2 млрд евро, поскольку придется оплатить не только налоговую задолженность, но и штрафы.

**Источник: http://taxpravo.ru/novosti**



# Воситаи муайян намудани даромад

**«Айни замон дар фаъолияти 25 ҳазор андозсупоранда мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб шудааст, ки зиёда аз 75 фоизи маълумоти онҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбад. Маълумоти 25 фоизи дигар бинобар сабабҳои гуногун интиқол намеёбад, ки нисбати ин масъала гурӯҳҳои корӣ дар якҷоягӣ бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва Марказҳои хизматрасонии техникӣ кор бурда истодаанд". Чунин оғоз намуд суҳбатро сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода. Номбурда гуфт, ки имрӯз дар нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ андозсупорандагон барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода карда истодаанд, ки он яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеӣ ва гардиши пули нақдии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, барои дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ замина мегузорад.**

**- Қонунгузории андоз дар мавриди истифодаи МНХ чӣ мегӯяд?**

- МНХ-и дорои ТИЭ бо блоки хотираи фискалӣ ва ё системаи компютерие таъмин мебошад, ки интиқоли электронии маълумотро таъмин намуда, барои сабти ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода мешавад ва нигоҳдории дарозмуддати маълумотро, новобаста аз мавҷудияти қувваи барқ, таъмин менамояд.

Истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ ба пешрафти фаъолияти соҳибкор ҳамеша таъсири мусбат мерасонад. Чунки муштариён, аслан, ба сифати хизматрасонӣ ва арзиши маҳсулот диққат медиҳанд, ҳарчанд баъзан вонамуд намекунанд, ки маҳсулоти механидаашон гаронтар аст. Баҳри таваҷҷӯҳ зоҳир намудани муштариён соҳибкорони асил кӯшиш мекунанд, тавассути чипта нишон диҳанд, ки арзиши маҳсулот гарон нест. Дар Аврупо ва Амрико дар чиптаи мошини назоратӣ – хазинавӣ натанҳо арзиши маҳсулот, балки сабукиҳо (тахфифҳо), аксияҳо ва ҷоизаҳо барои харидӣ ин ё он маҳсулотро дарҷ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро дарҷ карда, тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории андоз ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз МНХ –и дорои ТИЭ истифода намоянд. Зеро мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб мераванд. Мутобиқи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ, талаботи техникӣ ба мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ" аз 2 майи соли 2013, №210 муқаррар намудааст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки



назоратӣ анҷом дода мешаванд. Аммо, тавре ба назар мерасад, на ҳама андозсупорандагон дар фаъолияти худ аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода менамоянд.

**- Вазъи таъмини МНХ дар соли 2018 чӣ гуна аст?**

- Мақомоти андози кишвар дар соли 2018 дар фаъолияти андозсупорандагон 10015 адад МНХ-и дорои ТИЭ насб кардаанд, ки ин 100 фоизи нақшаи пешбиниишударо ташкил медиҳад. Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нақшаи таъмини МНХ барои соли 2018» аз 08.01.2018, №10 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар соли 2018 –ум 10002 андозсупорандаро бо МНХ таъмин намоянд.

Иҷрои нақшаи пешбинишуда, дар маҷмӯъ, 100 фоиз иҷро гардида бошад ҳам, аммо новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз, ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда ва баркияномаҳои ирсолгардида нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо аз уҳдаи иҷрои нақшаи таъмини МНХ дар соли 2018 набаромаданд. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Сино иҷрои нақшаи МНХ-ро 82 фоиз, Сангвор 17 фоиз, Бохтар 97 фоиз, Вахш 70 фоиз, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 78 фоиз, Ҷайҳун 96 фоиз, Панҷ 94 фоиз, Абдураҳмони Ҷомӣ 93 фоиз, Спитамен 82 фоиз, Панҷакент 89 фоиз, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) –и Шоҳмансур 73 фоиз, НАМ-и Исмоили Сомонӣ 77 фоиз, НАМ-и Фирдавсӣ 56 фоиз, НАМ-и Сино 92 фоиз, НАМ-и Хуҷанд 53 фоиз, НАМ-и Бобоҷон Ғафуров 14 фоиз, НАМ-и Гулистон 33 фоиз, НАМ-и Бӯстон 42 фоиз, НАМ-и Ҷаббор Расулов 33 фоиз, НАМ-и Истаравшан 85 фоиз ва НАМ-и Спитамен 10 фоиз намудаанду халос.

Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби масъулони шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар моҳ на камтар аз ду маротиба мақомоти ҳудудии андоз оид ба иҷрои нишондиҳандаи таъмини МНХ огоҳ карда мешаванд.

**- Сабабҳои аз МНХ истифода накардани андозсупорандагонро шарҳ диҳед?**

Аввалан, ин аст, ки баъзе андозсупорандагон намехоҳад мошини назоратӣ – хазинавӣ насб кунанду тамоми моли савдокарда ва маблағи даромадашро нишон диҳанд. Дигар, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ низ бояд дар мавриди бо МНХ таъмин кардани нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо кормандони мақомоти андоз ҳамкорӣ намоянд. Яъне дар таъмини МНХ ва тахти назорат қарор додани онҳо нозиротҳои андоз наметавонанд дар танҳоӣ аз уҳдаи ин кор бароянд ва дар ин маврид кумаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳатмист. Ба ин кор, ба андешаи мо, онҳо низ бояд диққат диҳанд, зеро ин амал ба ғанӣ гардидани буҷети маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Таваҷҷӯҳ кунед: соҳибкор пеш аз он ки дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия дӯкони савдо ё нуқтаи хизматрасонӣ кушояд, аввал аз мақомоти иҷроияи маҳалли хеш иҷозат мегирад. Дар ин маврид, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шахси ба соҳибкорӣ машғулшаванда хуб мешуд корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд. Агар ин масъала роҳи ҳалли худро пурра ёбад, ба манфиати буҷети маҳаллӣ хоҳад буд.

Кормандони мақомоти ҳудудии андоз ҳам бояд дар ин самт назоратро ҷиддӣ кунанд. Мувофиқи талаботи моддаи 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 онҳо бояд назорати риояи Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, инчунин истифодаи Дафтари сабти маблағҳои пули нақд ва Дафтари сабти расидҳо (квитансияҳо) ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъиро, ки шаклҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, амалӣ намоянд.

**- Имкониятҳо дар беҳтар гардидани сатҳу сифати андозсупорандагон кадомҳоянд?**

- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир шароит фароҳам оварда истодааст, ки хизматрасониҳои мақомоти андозро давра ба давра пурра тариқи электронӣ ба роҳ монад, то ки андозсупорандагон ва шаҳрвандон ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, аз хизматрасониҳо бархӯрдор гарданд.

Дар доираи маълумоти тариқи электронӣ аз МНХ – ҳои соҳибкорон воридгардида, Кумитаи андоз назорати раванди истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолгаронро зери назорат қарор дода, пеш аз ҳама, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳад. Яъне истифодаи ТИЭ имкон медиҳад, фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим тахти назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад ва сатҳу сифати хизматрасонӣ беҳтар гардад.

Ёдрас мешавем, ки яке аз роҳҳои пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани даромади воқеии андозсупорандагон мавриди истифодаи дуруст қарор додани мошини назоратӣ – хазинавӣ (МНХ) мебошад. Насбу истифодаи МНХ ҳам барои худи соҳибкорон, ҳам коргарони нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, ҳам истеъмолкунандагон ва ҳам ғановати буҷету рушди иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад.

**- Чӣ бояд кард, то андозсупоранда бе ягон баҳона МНХ - ро дар фаъолияташ мустақилона истифода намояд?**

- Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳарчанд соҳибкорон бо МНХ-и дорои ТИЭ таъминанд, аммо аз он ба таври зарурӣ истифода намекунанд. Вақте аз онҳо сабаби истифода накарданашонро пурсон мешавем, набудани савдо, аҳамият надодани харидорон ва корношоям будани МНХ-ро баҳона мекунанд. Ин дар ҳолест, ки истифодаи МНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси қонунгузории андоз ҳатмӣ мебошад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва онро дар фаъолияти худ истифода намуда ба харидорон пайваста аз МНХ чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намуда, пеш аз ҳама, нисбати он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, инчунин, андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

**Мусоҳиб Мазҳаб ҶУМЪА**

# Ҳолати бақайдгирии объектҳои молу мулк

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулкро дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 январи соли 2019 мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дод.**



Дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ аз шумораи умумии супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (1262,1 ҳазор адад) фаъолията 1231,7 ҳазор адади он тахти азнавбақайдгирӣ қарор гирифтаанд, ки ба 97,6 фоиз баробар мебошад. Нишондиҳандаи рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулк мутаносибан дар вилояти Хатлон 94,3 фоиз, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 94,6 фоиз, вилояти Суғд 99,9 фоиз, шаҳри Душанбе 99,2 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, 98,3 фоизро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки рафти ворид кардани маълумоти баҳисобгирифташуда дар барномаи компютерии “Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ” (Тафсири 3) ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ (ба истисноии ВМКБ) 1199,4 ҳазор адад ё 92,8 фоизро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур дар вилоятҳои Суғд 99,7 фоиз, Хатлон 85,1 фоиз, шаҳри Душанбе 94,6 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, 92,8 фоиз баробар мебошад.

- Бояд гуфт, ки мақсад аз гузаронидани чорабинии мазкур, пеш аз ҳама, бақайдгирии пурраи объектҳои молу мулк ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб меравад, - қайд кард Собирҷон Исоев. - Аммо, чуноне ки таҳлилу санҷишҳои аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ гузаронидашуда дар ин самт гувоҳӣ медиҳанд, сифати гузаронидани баҳисобгирӣ ва рафти бақайдгирии объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд дар мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ набуда, баъзе мақомоти ҳудудии андоз ҳоло ҳам аҳамият ва мақсади гузаронидани чорабинии мазкурро дуруст дарк накардаанд.

Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул камтар таваҷҷуҳ зоҳир шуда, оид ба бақайдгирии пурраи объектҳои шахсони воқеӣ сари вақт чораҷӯӣ намегардад, ҳамзамон оид ба пардохти маблағи андозҳо аз молу мулк миёни аҳолӣ дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст.

Бо дарназардошти пурра мавриди истифода қарор додани барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо – шахсони воқеӣ” (Тафсири 3) аз соли 2016 сар карда вобаста ба давраҳои пардохт ҳисобкунии маблағи андозҳо аз молу мулки шахсони воқеӣ ҷорӣ шудааст, ки маблағи бақияпулиҳо ва изофа пардохтнамудаи андозҳо аз молу мулк ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ вобаста ба давраҳои сол ба инобат гирифта шудаанд.

Мутобиқи маълумоти ин барнома дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 декабри соли 2018 маблағи бақияпулии андозҳо аз молу мулк 155,8 млн. сомонӣ ва маблағи фоизҳои ҳисобшуда барои сари вақт пардохт накардани андози мазкур 23,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Бақияпулии андозҳо аз молу мулк дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғд 45,0 млн. сомонӣ, Хатлон 55,1 млн. сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 263,0 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 27,0 млн. сомонӣ ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, 28,4 млн. сомонӣ расиданд.

Вобаста ба вазъи пешомада Собирҷон Исоев зарур мешуморад, ки мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади муайян кардани дурустии маблағи қарзҳои бавуҷудомада пайваста бо андозсупорандагон санадҳои муқоисавӣ тартиб дода, ҷиҳати рӯёнидани маблағи қарзҳои бавуҷудомада мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Ёдовар мешавем, ки аз санаи 1 июни соли 2018 ҷамъоварии маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар шакли пули нақд тавассути расиди ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф аз ҷониби кормандони мақомотҳои худидоракунии маҳал (андозғундорон) дар мақомоти ҳудудии андоз пурра манъ шудааст. Вобаста ба ин, Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.06.2018, №240 ба тасвиб расида, ба тамоми мақомоти ҳудудии андоз ирсол карда шудааст.

Бо дарназардошти пурра гардидани истифодабарии расиди мазкур дар барномаи компютерии СИА “Баҳисобгирии андозҳо - шахсони воқеӣ” (Тафсири 3) бо мақсади сарфаи вақти корӣ ва таъмини самаранокии кор дар ин самти фаъолият тартиби ба таври автоматӣ ташаккул додани огоҳинома ҷиҳати пардохти маблағи қарзи андозҳо дар тамоми мақомоти ҳудудии андоз мавриди истифода қарор дода шудааст.

Мутобиқи маълумот ба ҳолати 1 январи соли 2019 аз шумораи умумии андозсупорандагони қарздор (1010,4 ҳазор адад) ба суроғаи 590,1 ҳазор андозсупоранда ё 58,4 фоизи онҳо бо истифода аз ин тартиб огоҳинома ирсол шудааст, ки ин нишондод мутаносибан дар вилояти Суғд 37,9 фоиз, вилояти Хатлон 64,2 фоиз, шаҳри Душанбе 59,5 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 76,4 фоизро ташкил медиҳад.

Тавре С. Исоев иброз намуд, бо мақсади ташкили дурусти кор ва дар оянда ба таври электронӣ - тариқи паёмак (СМС) огоҳ кардани супорандагони андозҳо аз молу мулк мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки баъд аз дастрас намудани огоҳиномаҳо рақами телефони мобилии соҳибмулкро ба махзани маълумот ворид намоянд. Баррасии масъалаи мазкур нишон додааст, ки раванди ба барномаи компютерӣ ворид кардани рақамҳои телефони мобилӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар баъзе мавридҳо ба ҷои рақами телефони мобилии соҳибмулк, рақами телефонҳои хонагӣ ва ё рақами телефони яке аз аъзои оила, ки аслан соҳибмулк ба ҳисоб намераванд, инчунин як рақами телефонро ба якчанд суроға ва соҳибмулк дохил кардан, ворид шудааст, ки холатҳои мазкур дар оянда ба самаранокии кор таъсири манфии худро мерасонад.

Новобаста аз таъкидҳои пайваста ва ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ нишондиҳандаи рафти ворид намудани рақамҳои телефони мобилӣ дар муқоиса бо шумораи огоҳиномаҳои ташаккулдодашуда дар барномаи компютерӣ дар сатҳи паст қарор дошта, баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз то ҳол моҳияти чорабинии мазкурро дуруст дарк накардаанд. Аз ҷониби онҳо ягон адад рақами телефони мобилии соҳибмулк ба махзани маълумот ворид нашудааст.

Қобили зикр аст, ки ки тибқи талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №192 дар баробари гузаронидани марҳалаи азнавбаҳисобгирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ, нисбати шахсони ҳуқуқие, ки дорои объектҳои молу мулк ҳастанд, гузаронидани азнавбақайдгирии молу мулк пешбинӣ гардидааст. Аммо чуноне ки натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда бо итифода аз махзани маълумоти Кумитаи андоз нишон медиҳанд, раванди дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва ҳисобкунии андози мазкур дар мақомоти ҳудудии андоз нокифоя мебошад.

Тибқи маълумоти таҳлилӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019 маблағи ҳисобшудаи андозҳо аз объектҳои ғайриманқул дар ҷумҳурӣ дар соли 2018 ба 90168,7 ҳазор сомонӣ баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба андозаи 518,4 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Гарчанде маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошад ҳам, вале ин нишондод дар баъзе аз минтақаҳо тамоюли камшавиро дорад. Аз ҷумла, камшавии маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз объектҳои ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон -1052,3 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд -903,7 ҳазор сомонӣ ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, -368,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра маблағи ҳисобшудаи андози замини шахсони ҳуқуқӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 96,4 фоизро ташкил дода, маблағҳои ҳисобшудаи андози замин аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ 308,2 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Вобаста ба ҳолати бавуҷудомада мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки дар ин самт ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо чораандешӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Номутобиқатӣ

## ё Назорати камералӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар чӣ натиҷа дод?

Яке аз самтҳои асосии корҳои назорати мақомоти андоз ин гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақомоти ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида мешавад.



Назорати камералӣ аз рӯи масъалаҳои мутобиқат кардани маълумоту ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоту ҳуҷҷатҳое, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд, бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз ва дуруст истифода намудани имтиёзҳои андоз анҷом дода мешавад.

Тибқи иттилои сардори шуъбаи ташкили назорати камералии Раёсати санҷишҳои андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосим Ҷалилзода мақомоти андоз дар соли 2018 нисбати 9369 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 847,1 млн. сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳоро ошкор намудаанд. Тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупорандагон барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатӣ ва камбудиҳои ҷойдошта огоҳинома ирсол гардидааст. Ҳамчунин, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба маблағи 378,3 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шудаанд, ки 44,6% - и маблағҳои дар огоҳиномаҳо дарҷгардидаро ташкил медиҳад.

Тибқи иттилои манбаъ аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида изофапулиҳои (ҳақдорӣ)-и андозсупорандагон ба маблағи 140,6 млн. сомонӣ пӯшонида ва ба буҷет 195,9 млн. сомонӣ пардохт шудааст. Бақияи маблағи андозҳои ба буҷет пардохтнагардида аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳоднамудаи андозсупорандагон 41,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷониби андозсупорандагон бо роҳи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба маблағи 216,1 млн. сомонӣ номутобиқатиҳои ҷойдошта дар ҳисобот бартараф шудаанд.

Аз рӯи натиҷаи 130 огоҳиномаи назорати камералӣ, бинобар дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани тавзеҳот, санади дахлдор тартиб дода шуда, ба маблағи 299,5 млн. сомонӣ қарор қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 59,1 млн. сомонӣ ворид карда шудааст. Бақияи қарзи андозҳо аз рӯи қарорҳои қабулгардида, ки 208,8 млн. сомониро ташкил медиҳад ва бояд гуфт, ки барои таъмини пардохти ин маблағҳо чораҷӯӣ идома дорад.

Қ. Ҷалилзода қайд намуд, ки Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андоз дар соли 2018 дар фаъолияти 3380 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 50,7 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардани андозҳоро ошкор намудааст. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба маблағи 29,9 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ, ба маблағи 11,0 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида изофапулиҳои ҷойдошта ба маблағи 6,4 млн. сомонӣ пӯшонида шуда, ба буҷетҳои дахлдор 19,7 млн. сомонӣ андозҳо пардохт гардидааст. Бақияи маблағҳои ба буҷет пардохтанашуда аз ҳисоби эъломияҳои иловагӣ пешниҳоднамудаи андозсупорандагон 3,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи ҳисобот дар соли 2018 аз тарафи Раёсати андози вилояти Суғд нисбати 41 андозсупоранда санади назорати камералӣ тартиб дода, ба маблағи 6,3 млн. сомонӣ қарор қабул шудааст, ки аз он 370,0 ҳазор сомонӣ пардохт гардида, алҳол 5,9 млн. сомонӣ бақия мондааст.

Инчунин, аз тарафи Раёсати андоз дар вилояти Суғд 10 қарор (1,8 млн. сомонӣ), нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 7 қарор (1,2 млн. сомонӣ), Гулистон 3 қарор (25,7 ҳазор сомонӣ), Конибодом 9 қарор (2,3 млн. сомонӣ), Панҷакент 1 қарор (407,3 ҳазор сомонӣ), Истиқлол 1 қарор (79,9 ҳазор сомонӣ), Деваштич 2 қарор (188,1 ҳазор сомонӣ), Зафаробод 1 қарор (25,2 ҳазор сомонӣ), Спитамен 4 қарор (121,6 ҳазор сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 2 қарор (51,8 ҳазор сомонӣ) ва Ашт 1 қарор (41,6 ҳазор сомонӣ) қабул шудааст. Мутаассифона, дар давоми соли 2018 аз қарорҳои қабулшуда ба буҷети давлатӣ танҳо 427,5 ҳазор сомонӣ (6,8%) маблағ ситонида шудааст, ки ин, албатта, нокифоя аст.

Ҳамчунин, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар 2018 дар фаъолияти 2542 шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ва шахси воқеӣ назорати камералӣ гузаронидаанд, ки дар натиҷа, ба маблағи 37,3 млн. сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор ва тибқи тартиби муқарраршуда ба андозсупорандагон огоҳиномаҳо ирсол гардидааст.

Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани камбудиҳо ба маблағи 22,6 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ, ба маблағи 4,7 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, аз ҳисоби эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва ба маблағи 6,0 млн. сомонӣ изофапулиҳои андозсупорандагон пӯшонида шуда, ба буҷетҳои маҳаллӣ 11,7 млн. сомонӣ гардидааст. Бақияи маблағи андозҳои ба буҷет пардохтанашуда аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда 4,7 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2018 нисбати 23 назорати камералӣ санади дахлдор тартиб дода шуда, ба маблағи 5,6 млн. сомонӣ қарор қабул гардидааст, ки 162,0 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст. Мутаассифона, бақияи қарзи андозҳо аз рӯи қарорҳои қабулшуда ба ҳолати 1 –уми январи соли 2019 дар вилояти Хатлон дар ҳаҷми 5,4 млн. сомонӣ боқӣ мондааст.

Раёсати андоз дар ВМКБ дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози вилоят дар фаъолияти 64 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 3913,0 ҳазор сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андозҳоро ошкор намудааст. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 1379,0 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шуда, маблағи 737,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст. Бақияи маблағҳои ба буҷет пардохтанашуда аз ҳисоби эъломияҳои иловагӣ пешниҳодшуда 641,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ дар соли 2018 дар фаъолияти 1004 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, дар натиҷа, ба маблағи 24,9 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардани андозҳоро муайян намудаанд. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо ба маблағи 16,7 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардида, аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 7,2 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод шудааст. Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида изофапулиҳои андозсупорандагон ба маблағи 5,4 млн сомонӣ пӯшонида ва ба буҷетҳои дахлдор 9,9 млн сомонӣ андозҳо пардохт шудааст. Бақияи маблағҳои ба буҷет пардохтанашуда аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда 1,4 млн. сомониро ташкил додааст.

Нисбати 13 назорати камералӣ санади дахлдор тартиб дода, ба маблағи 2,0 млн. сомонӣ қарор қабул карда шудааст, ки ҳамчун бақияи қарз боқӣ мондааст.

Тибқи талаботи моддаи 37 Кодекси андоз дар сурати дар давоми 10 рӯзи корӣ аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани тавзеҳоти асоснок, аз натиҷаи назорати камералӣ тибқи тартиби барои санадҳои санҷиши андоз муқарраргардида, бояд қарори дахлдор қабул карда шавад. Яъне, дар ҳолати пешниҳод нашудани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва ё пешниҳод нагардидани эъломияҳои иловагии андоз, нозироти андоз вазифадоранд, ки санади назорати камералӣ тартиб дода, тибқи моддаи 36 Кодекси андоз қарори дахлдор аз рӯи натиҷаи санҷиши андоз қабул намоянд. Мутаассифона, ба ҳолати 1-уми январи соли 2019 маблағи огоҳиномаҳои ба андозсупорандагон дар давоми давраи ҳисоботӣ пешниҳодгардида, ки мӯҳлати қабули қарорашон гузаштааст, зиёда аз 175,8 млн. сомониро ташкил менамояд.

Бо вуҷуди ин, натиҷаи фаъолияти нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар дар самти ворид намудани маблағи огоҳиномаҳои назорати камералӣ назаррас нест. Масалан, аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Истиқлол 35 адад назорати камералӣ ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ, Шаҳристон 47 адад назорати камералӣ ба маблағи 55,5 ҳазор сомонӣ, Норак 27 адад ба маблағи 108,1 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 55 адад ба маблағи 865,4 ҳазор сомонӣ, Данғара 46 адад ба маблағи 1,4 млн. сомонӣ, Фархор 52 адад ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ, Ҳамадонӣ 42 адад ба маблағи 393,3 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 48 адад ба маблағи 237,3 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 33 адад ба маблағи 153,0 ҳазор сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 16 адад ба маблағи 50,1 ҳазор сомонӣ, Роғун 50 адад ба маблағи 768,7 ҳазор сомонӣ, Рашт 30 адад ба маблағи 623,1 ҳазор сомонӣ, Лахш 11 адад ба маблағи 329,5 ҳазор сомонӣ, Нурobod 26 адад ба маблағи 50,7 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 9 адад ба маблағи 23,7 ҳазор сомонӣ ва Сангвор 6 адад ба маблағи 26,7 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондод барои таъмини босифати иҷрои қисми даромади буҷет нокифоя мебошад.

Ёдовар мешавем, ки дар асоси талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №14 "Оид ба назорати камералӣ" бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти андозсупорандагон, кам намудани эҳтимолияти қабули қарорҳои беасос аз натиҷаи назорати камералӣ, мақомоти ҳудудии андоз огоҳ карда шудаанд, ки назорати камералиро танҳо дар асоси таҳлилу муқоисаи ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои андозсупорандагон гузаронида, барои ба миён наомадани ҳолатҳои баҳсӣ мусоидат намоянд.

Бо дарназардошти чунин ҳолатҳо ва бо мақсади ислоҳ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, дуруст ба роҳ мондани тартиби барасмиятдарории назорати камералӣ ва беасос халалдор насохтани фаъолияти андозсупорандагон, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки назорати камералиро дар фаъолияти андозсупорандагон танҳо мутобиқи талаботи фармоиши Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №14 "Оид ба назорати камералӣ" анҷом диҳанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Натиҷаи корҳои назоратӣ

**Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти мақоми ваколатдор ва дигар ҳуҷҷатҳо дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз анҷом дода мешавад. Назорати камералӣ қисми таркибии низоми идоракунии хавфҳо мебошад. Вобаста ба ин, мақомоти андоз дар ҳолате, ки дар фаъолияти андозсупоранда шубҳа ё пинҳонкориҳоро мушоҳида мекунад, зарур медонад, ки ҳатман назорати камералӣ гузаронад.**



Сардори Нозироти андозсупорандагони калон Абдулқаюм Воҳидов мегӯяд, ки кормандони Нозироти андозсупорандагони калон дар давоми соли 2018 дар фаъолияти 181 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронидаанд, ки дар натиҷа дар ҳаҷми 442,7 миллион сомонӣ маблағи кам ҳисоб кардани андозҳо ошкор шудааст. Ҳарчанд назорати камералӣ нисбат ба давраи соли 2017-ум 244 адад кам гузаронида шудааст, вале маблағи ошкоршуда нисбатан 80,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Баъди ирсол шудани огоҳиномаҳо андозсупорандагон дар ҳаҷми 167,1 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод намуданд, ки 38 фоизи маблағҳои дар огоҳиномаҳо дарҷшударо ташкил медиҳад.

Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида, 71,8 млн. сомонӣ изофапулиҳои андозсупорандагон пӯшонида шудааст. Инчунин, 76,2 млн. сомонии дигар ба буҷетҳои маҳаллӣ пардохт гардид, ки 85 фоизи маблағҳои эъломияҳои иловагии пешниҳодшударо ташкил медиҳад. Ҳамзамон, бақияи андозе, ки аз ҳисоби эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шуда буд, ба санаи 01.01.2019-ум ба 19,0 млн. сомонӣ ё худ 11 фоиз расидааст.

Нисбати 13 огоҳиномаи назорати камералӣ (бе дарназардошти қарорҳои бекоршуда) аз рӯи маблағи 267,0 млн. сомонӣ (аз ҷумла 44,9 млн. ҷарима ва фоизҳо), санадҳои дахлдор тартиб дода шудааст, ки нисбати давраи соли 2017-ум 3 адад зиёд аст, ки маблағи умумии он ба 204,6 млн. сомонӣ баробар мебошад. Аз он 58,2 млн. сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид шудааст. Бақияи маблағ аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида, ки 208,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ба КМ "Зарафшон" дар шакли ҶДММ 104,7 млн. сомонӣ, ҶДММ "Талко Флюрит" 94,3 млн. сомонӣ, ҶСК "НОБ Сангтуда 1" 1,9 млн. сомонӣ (маблағи ҷарима), ҶСК "Корхонаи бойгардонии Такоб" 1,3 млн. сомонӣ, ҶДММ "Талко Ресурс" 3,6 млн. сомонӣ, ҶДММ "Заводи сохташавандаи Криолит" 157,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сохтмони кишвар 2012" 962,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Иншоот сохтмон 2012" 1086,6 ҳазор сомонӣ, ҶСНК "Ғалла" 401,7 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Таджеро Суғд" 273,1 ҳазор сомонӣ тааллуқ дорад.

Бояд гуфт, ки оид ба рӯёнидани маблағҳои мазкур нисбати ин корхонаҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки тибқи мактуби Кумитаи андоз 6 субъекти фаъолияткунанда, ки нисбаташон қарори рӯёнидани қарзи андозҳо бо ҷаримаю фоизҳо, дар ҳаҷми 62,0 млн. сомонӣ қабул шуда буд, аз эътибор соқит гардида, аз ҳисоб бароварда шудааст.

Дар дастгоҳи маркази нозирот дар давоми соли 2018-ум 67 назорати камералӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷа, 350,6 млн. сомонӣ маблағи кам ҳисоб кардани андозҳо ошкор гардидааст, ки нисбати соли 2017-ум 58 адад кам буда, маблағҳои ошкоршуда 175,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин бахш баъди ирсоли огоҳиномаҳо ба маблағи 116,8 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардид, ки нисбати давраи соли 2017 -ум 28,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Вобаста ба ин, аз ҷониби андозсупорандагон ба маблағи 56,1 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод гардид, ки дар натиҷа, 71,6 млн. сомонӣ ба сифр баробар шуд.

Дар ин давра аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда 55,2 млн. сомонӣ изофапулиҳои андозсупорандагон пӯшонида шуд. Ҳамзамон, аз ин ҳисоб, ба буҷетҳои дахлдор 48,5 млн. сомонӣ маблағи андозҳо пардохт шудааст. Бақияпулиҳои андоз дар ин бахш 13,2 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар баробари дигар корҳои анҷомдода, дар самти таъмин намудани нақшаи пебинишудаи соли 2018-ум шуъбаи Душанбегии Нозироти андозсупорандагони калон дар фаъолияти 50 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронидааст, дар натиҷа, 51,7 млн сомонӣ маблағи кам ҳисоб намудани андозҳоро ошкор гардидааст. Ин нишондиҳанда нисбати соли 2017-ум 103 адад ба маблағи 72,0 млн. сомонӣ кам мебошад. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо ба маблағи 23,8 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардид, ки нисбати давраи соли 2017-ум 44,1 млн сомонӣ кам мебошад. Инчунин, аз ҷониби андозсупорандагон ба маблағи 25,5 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пешниҳод карда шудааст, ки 49 фоизи маблағи дар огоҳиномаҳо дарҷгардидаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида изофапулиҳои андозсупорандагон ба маблағи 10,5 млн. сомонӣ пӯшонида шуд. Ба буҷетҳои дахлдор 12,7 млн. сомонӣ маблағи андозҳо пардохт гардидааст. Бақияи маблағҳои ба буҷет пардохтнашуда аз ҳисоби эъломияҳои илова пешниҳодшуда бошад, 564,9 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Тибқи маълумоти дасрасгардида, дар шуъбаи Суғдии Нозироти андозсупорандагони калон дар давоми соли 2018-ум дар фаъолияти 42 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст. Кормандони шубаи нозирот 32,7 млн. сомонӣ маблағи кам ҳисоб намудани андозҳоро ошкор карданд, ки нисбати давраи соли 2017-ум 51 адад ба маблағи 19,2 млн. сомонӣ кам мебошад.

Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба маблағи 20,3 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардид, ки 62 фоизи маблағи огоҳиномаҳои ирсолшударо ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, аз ҳисоби эъломияҳои пешниҳодшуда 4,6 млн. сомонӣ изофапулиҳои андозсупорандагон пӯшонида шудааст. Дар баробари ин, 10,4 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет пардохт гардидааст, ки 74 фоизи эъломияҳои пешниҳодшударо дар бар мегирад. Бақияи маблағҳои андоз аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодшуда 5,3 млн. сомониро ташкил намудааст. Дар давраи ҳисоботии соли 2018 тибқи санади дахдор нисбати 1 андозсупоранда ба маблағи 273,1 ҳазор сомонӣ қарор қабул шудааст, ки айни замон, бино бар таҳти баҳсу баррасӣ қарор доштан, иҷро нашудааст.

Маблағи огоҳиномаҳое, ки таҳти баҳс қарор гирифтаанд, ба санаи 01.01.2019-ум 6,9 млн. сомониро ташкил намудааст, ки 21 фоизи маблағи огоҳиномаҳои ирсолшударо дар бар мегирад. Дар баробари ин, маблағи 6,0 млн. сомонӣ, ки ба ҶСП «Имон Интернешнл» тааллуқ дошт, дар натиҷаи санҷиши маҷмӯи дар ҷамъият бекор шуд.

Дар шуъбаи Хатлонии Нозироти андозсупорандагони калон дар давраи соли 2018-ум дар фаъолияти 22 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, 7,6 млн. сомонӣ маблағи кам ҳисоб намудани андозҳо ошкор гардид. Он нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 32 адад кам мебошад, ки маблағи 3,6 млн сомониро ташкил мекунад.

Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо 6,2 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод шудааст, ки 82 фоизи маблағҳои огоҳиномаҳои ирсолшударо ташкил медиҳад.

- Гуфтан ба маврид аст, ки дар НАК, дар баробари фаъолияти анҷомдода дар давраи соли 2018-ум ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалталаб зиёд аст,- мегӯяд А. Воҳидов. Моро мебояд, ки дар иҷрои вазифаҳои бауҳдадошта масъулиятнок бошем, то ки нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли 2019"-ро дар сатҳи зарурӣ таъмин намоем.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# «Красное и белое», «Дикси» и «Бристоль» договорились о слиянии

## Они станут третьим по выручке ритейлером в России

Бенефициары крупного российского ритейлера «Дикси», сети алкомаркетов «Бристоль» и «Красное и белое» договорились о слиянии компаний в единый розничный бизнес, говорится в совместном сообщении компаний. Владельцы «Дикси» и «Бристоля» - Игорь Кесаев и Сергей Кациев, «Красного и белого» - Сергей Студенников.

В результате слияния появится третий по обороту розничный ритейлер в России, говорится в сообщении. В объединенном бизнесе Кесаеву и Кациеву будет принадлежать 51%, а Студенникову - 49%.

Под торговыми марками «Дикси», «Бристоль» и «Красное и Белое» в России работает более 13000 магазинов.

«Красное и белое» - сеть магазинов по продаже алкоголя и продуктов, основанная челябинским предпринимателем Сергеем Студенниковым. Входит в десятку крупнейших продовольственных сетей России. Первый магазин был открыт в 2006 г. Студенников занимает 115-е место в списке богатейших людей России по версии Forbes. В 2018 г. журнал оценил его состояние в $950 млн.

В последних числах декабря 2018 г. «Красное и Белое» столкнулась с обысками на всех складах и в головном офисе в Челябинске. Их проводили сотрудники Федеральной налоговой службы, Росалкогольрегулирования, ФСБ и ОМОНа, рассказывал представитель компании. По его словам, в качестве причины обысков тогда назывались подозрения в обороте контрафакта и неуплате налогов, в результате была парализована работа компании.

«Дикси» на начало 2018 г. был пятым по выручке ритейлером в России. Несколько лет назад владельцы «Дикси» и «Бристоля» уже пытались объединить бизнесы. Весной 2015 г. «Дикси» приобрела 31,8% долей сети «Бристоль» за 1,78 млрд руб., однако к концу года избавилась от доли, продав ее за 1,83 млрд руб.

**Мутахассисони Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо як гурӯҳи ронандагон, ки бо истифода аз мошинҳои гуногунтамға ба хизматрасонӣ машғуд ҳастанд, мулоқот анҷом доданд. Як моҳ қабл аз ин байни ронандагони мошинҳои мусофирбари хатисайри рақамҳои якуму дуюми шаҳри Хоруғ ва нозироти андози шаҳр дар мавриди маблағи патент нофаҳмӣ ба вуқӯъ пайваст. Пас аз гуфтугӯ ва муколимаи ронандагону мутахассисони нозироти андози шаҳр ин нофаҳмӣ аз байн бардошта шуд. Аз ин рӯ, кормандони раёсати андози вилоят зарур шумурданд, ки минбаъд корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро байни соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки бо патент фаъолият мекунанд, пурзӯр намоянд.**

# Пардохти маблағ аз ҳисоби патент

Супурдани патент ва ба андозбандӣ ҷалб кардани ин гурӯҳи соҳибкорон меъёру хусусиятҳои хоси худро дорад. Гарчӣ ронандагони собиқадори воситаҳои нақлиёти мусофирбар оид ба бандҳои Кодекси андози ҷумҳурӣ дар мавриди пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёти мусофирбар маълумоти кофӣ доранд, аммо сол аз сол ҷавонони зиёд рӯ ба ин намуди соҳибкорӣ меоранд ва дар бораи вазифаву уҳдадориҳои худ ба таври лозимӣ воқиф нестанд. Бинобар ин, сардори бахши ташкили андозбандии раёсати андози вилоят Маҷнун Сиҷотхонов бандҳои гуногуни Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода, аз ҷумла изҳор намуд, ки кормандони мақомоти андоз бояд бо ин гурӯҳи соҳибкорони ҷавон ҳарчӣ бештар вохурию сӯҳбатҳо баргузор кунанд. Ин масъули раёсати андози вилоят зимни мулоқот бо ронандагони воситаҳои нақлиёти мусофирбару боркаш гуфт, ки шахсони воқеие, ки ба хизматрасонии нақлиетӣ машғул ҳастанд, қабл аз ҳама уҳдадор мебошанд, ки дар нозиротҳои андози маҳали ҷойгиршавӣ худро сабти ном кунанд ва патент гиранд. Барои ин ба онҳо лозим меояд, ки ба бахшҳои бақайдгирии нозироти андоз муроҷиат карда, ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд. Нозиротҳои андоз мувazzаф ҳастанд, ки баъди тафтиши ҳуҷҷатҳо дар давоми чор рӯз ин шахсонро патент таъмин намоянд. Баъди гирифтани патент соҳиби нақлиёт ҳамчун соҳибкори инфродии тибқи патент фаъолияткунанда шумурда мешавад. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, таҳти рақами 451, дар кишвар 47 номгӯи хизматрасонӣ дар асоси патент муаяйн шудааст ва яке аз инҳо хизматрасониҳои нақлиётӣ мебошад Дар навбати худ ҳамин 47 номгӯи фаъолият боз ба 3 гурӯҳ ҷудо мешаванд. Аз банди 1 то 17 ин фурӯши молҳои ниёзи мардум, аз банди 17 то 27 ин хизматрасониҳои нақлиётӣ ва аз банди 28 то 47 ба дигар хизматрасониҳо тааллуқ доранд. Худи хизматрасониҳои нақлиётӣ аз самтҳои зерин иборат аст: интиқоли мусофирон, интиқоли молу коло ва интиқоли маҳсулоти сохтмонӣ, нафтӣ тавассути мошинҳои махсуси боркашонӣ. Ҳар яке аз андозсупорандагон, ки ба хизматрасониҳои нақлиётӣ машғул мебошанд, уҳдадоранд, ки ду намуди андоз - андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пардохт кунанд. Шахсе, ки соҳиби патент мешавад, новобаста аз ҳаҷми даромад, ба таври устувор, мутобиқи меъёри муайяншуда ба буҷа андоз месупорад. Барои соҳибони мошинҳои хурди мусофирбар маблағи патент дар ҳаҷми 135 сомонӣ муқаррар шудааст, ки 70 сомонӣ андоз аз даромад ва 35 сомонӣ андози иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Он мошинҳое, ки ғунҷоиши бештар доранд яъне ба гурӯҳи микроавтобусҳо шомиланд, дар як моҳ андоз аз даромад 118 сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 59 сомониро ташкил медиҳад. Соҳибони мошини мусофирбари навъи автобус, ки нисбат ба микроавтобус ҷои нишасти бештар дорад, андоз аз даромад 92 сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 47 сомонӣ ва дар маҷмӯъ 139 сомониро пардохт менамоянд. Ронандагоне, ки бо мошинҳои боркаш ба хизматрасонии нақлиётӣ машғуланд ва иқтидори борбардории мошинашон то 3 тонна мебошад, маблағи патенти онҳо дар як моҳ 139 сомониро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ ҳар қадар иқтидори борбардории мошинҳои боркаш зиёдтар аст, ҳамон қадар андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ низ бештар мебошад. Барои мошинҳое, ки аз 5 то 20 тонна борро интиқол медиҳанд, ҳаҷми маблағи патент 281 сомонӣ ва агар бор аз 20 тонна зиёд бошад, 703 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Он ронандагоне, ки бо мошинҳои махсус ба интиқоли маҳсулоти нафтӣ, бензин, гази моеъ, бетон, семент машғул мебошанд, маблағи патенти ҳармоҳаашон 351 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 233 сомонӣ андоз аз даромад ва 118 сомонӣ андози иҷтимоӣ мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки бо дарназардошти коэффисиенти минтақавӣ маблағи патент мутаносибан аз 10 то 15 сомонӣ камтар пардохт мекунанд. Барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ин коэффисиент 0,7 сомонӣ муқаррар шудааст.

Ба гуфтаи сардори бахши ташкили андозбандии раёсати андози вилоят Маҷнун Сиҷотхонов он соҳибкороне, ки тавассути воситаҳои нақлиёти мусофирбару боркаш ба мардум хизмат мерасонанд ва андози иҷтимоиро сари вақт пардохт мекунанд, маблағи мазкур ба фонди андухти нафақавии онҳо ворид мегардад. Ҳар қадар маблағи бештар ба фонди мазкур супоранд, ҳамон қадар ҳаҷми нафақаашон боло меравад. Аммо ҳангоми ба нафақа баромадан ҳатман ҳуҷҷату санадҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, нозиротҳои андоз бо иловаи расидҳои пардохтро бояд бо худ дошта бошад. Як масъалаи дигарро мехоҳам ёдовар шавам, ки ин ҳам барои соҳибкорон муҳим аст. Дар сурати рух додани ягон ҳодисаи нохуш, ба мисли бемор шудани ронанда, рух додани садама, корношоям гардидани нақлиёт соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро ба нозироти андоз бояд пешниҳод кунанд. Дар ин сурат онҳо аз пардохти маблағи патент муваққатан озод карда мешаванд.

**Довар Бовар**
**ВМКБ**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

### Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зиёд гардид

4-уми феврали соли 2019 зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) Шукрулло Қурбоналӣ ба саволи хабарнигори АМИТ «Ховар» дар мавриди ба роҳ мондани робитаҳои ҳамкорӣ бо дигар донишгоҳҳо иброз дошт, ки «давоми соли 2018 донишгоҳ бо 20 муассисаи таҳсилоти касбии хориҷи кишвар шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид. ДДМИТ бо донишгоҳҳои Россия, Қазоқистон, Латвия, Беларус, инчунин бо 4 донишгоҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар зарфи як сол шартномаи ҳамкорӣ имзо намуд».

Бино ба иттилои ректор, давоми соли 2018 устодони донишгоҳҳои зикршуда барои омӯзонидани донишҷӯён ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чандин сафар анҷом доданд. Инчунин профессорони ДМИТ низ бо ин мақсад ба хориҷи мамлакат сафар намуданд.

Зимни нишаст зикр гардид, ки назар ба солҳои гузашта соли 2018 шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар донишгоҳ зиёд гардид. Агар соли 2017 дар донишгоҳ 25 нафар шаҳрванди хориҷӣ таҳсил мекарданд, соли 2018 ин шумора ба 282 нафар расид. Шумораи зиёди ин донишҷӯён аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон ва Федератсияи Россия мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки 27 марти соли 2018 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон табдили мақом кард.

## Маркази миллии тестӣ:

### соли сипаригардида 60 ҳазору 701 нафар сазовори унвони донишҷӯ гардиданд

Соли сипаришуда наздик ба 90 ҳазор довталаб тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиҳон супориданд. Ин нуктаро Директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Икромӣ рӯзи 31-уми январи соли 2019 зимни нишастӣ матбуотӣ баён намуд.

Ба гуфтаи Хуршед Икромӣ, шумораи довталабоне, ки соли 2018 ба озмуни тақсимот роҳ ёфтанд, 70 ҳазору 822 нафарро ташкил дод.

«Ин рақам ба 79,3 %-и довталабони дар имтиҳонҳо иштироккарда баробар буда, нишондиҳандаи мазкур аз холҳои гузариши фаннии ҳар сол муқарраршаванда вобастагӣ дорад», — илова намуд мавсуф.

Саволе ба миён меояд, ки соли 2018 чанд нафар довталабон унвони донишҷӯиро соҳиб шуданд? Хуршед Икромӣ дар посух ба он чунин гуфт: «Тибқи натиҷаҳои 2 озмуни тақсимот соли сипаригардида аз шумораи умумии довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ҳамагӣ 60 ҳазору 701 нафарашон сазовори номи донишҷӯ гардиданд».

Ёдовар мешавем, ки Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 таъсис ёфта, мақсади асосии он шаффоф гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ мебошад.

**АМИТ «Ховар»**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Google увел от налогообложения 20 млрд евро при помощи «сэндвича»

**Корпорация для этого использовала свои дочерние компании в Нидерландах и Ирландии**

Компания Google вывела из-под налогообложения 19,9 млрд евро в 2017 г., используя свои дочерние компании в Нидерландах и Ирландии, пишет РБК со ссылкой на Reuters.

Google перевела эту сумму через свою дочернюю компанию в Нидерландах Google Netherlands Holdings BV на Бермуды, средства поступили на счет другой «дочки» - Google Ireland Holdings, которая была зарегистрирована в Ирландии. При этом в 2017 г. нидерландская «дочка» Google уплатила в бюджет 3,4 млн евро налогов.

«Google, как и другие транснациональные компании, платит подавляющее большинство своего корпоративного подоходного налога на родине, и мы заплатили глобальную эффективную налоговую ставку в размере 26% за последние десять лет», - заявили в Google. «Мы платим все налоги и соблюдаем налоговое законодательство в каждой стране, в которой мы работаем по всему миру», - отметили в компании.

**http://taxpravo.ru/international/novosti**

# Дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2018, бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои беасосу такрорӣ дар фаъолияти соҳибкорони ба истеҳсолот машғулбуда, давоми солҳои 2019-2020 мораторий эълон намуданд. Яъне барои тақвият бахшидан ба раванди рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ зарур шумориданд, ки дар ин солҳо тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ шавад. Инчунин, таъкид намуданд, ки муқарраротИ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ" ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти гумруку андоз татбиқ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати мамлакат барои рушд ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ ҳамеша чораҳои дахлнопазир меандешанд. Эълон гардидани мораторий ба санҷишҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал набуда, қаблан мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна" аз 26 марти соли 2009, №505 ба муҳлати ду сол қабул карда шуда буд. Ҳатто дар солҳои аввали пайдоиши Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.01.1994, №23 якчанд номгӯй молу маҳсулоти истеҳсолшавандаи ватанӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуда буданд. Ҳамчунин, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 22-декабри соли 2017 баргузор гардид, бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ба гузаронидани санҷишҳо ва муҳайё намудани шароити лозима барои пешрафти кори соҳибкорони истеҳсолӣ, ба истиснои санҷишҳои нақшавии мақомоти андоз, Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Бонки миллӣ мораторий эълон карда буданд. Оид ба ин масъала фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, №990 "Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳамаи намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ" қабул шуд, ки қариб 2000 нафар соҳибкори соҳаи истеҳсолӣ аз он бархурдор гардиданд.

Таъкид бояд намуд, ки ҳиссаи андозҳои дохилӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин гардидани рушди истеҳсолот, мавриди истифода қарор гирифтани корхонаҳои нав доир ба истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ, инчунин, такмил додани қонунгузорӣ ва сода намудани маъмурикунонии андоз, анҷом додани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо, ба низом даровардан, такмил додан ва пурзӯр намудани корҳои назоратӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии Системаи иттилоотии андоз, сари вақт дастрас намудани маълумот аз дигар мақомоти давлатӣ, умуман, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани сиёсати андозию буҷетӣ пайваста афзоиш меёбад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба ворид шудани маблағҳои пешбинишуда ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд, ин фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ мебошад. Нишондиҳандаҳо оид ба рушди истеҳсолот далолат менамоянд, ки аз як тараф, ҳаҷми воқеии истеҳсолоти дохилӣ бемайлон афзоиш ёфта, ҳамзамон, аз дигар тараф, иқтисоди пинҳонӣ кам гардида истодааст. Дар баробари дигар омилҳо содагардонии маъмурикунонии андоз, такмили қонунгузории андоз, нигоҳ доштани имтиёзоти амалкунанда ва имтиёзҳои нави андозӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти соҳибкориро дар мамлакат дастгирӣ намуда, дархосту пешниҳоди соҳибкоронро мунтазам ба инобат мегиранд ва барои рушд намудани фаъолияти соҳибкории дохилӣ имтиёзҳои андозӣ пешниҳод менамоянд. Ин омилҳо барои таъмин намудани нақшаи пешбинишудаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2019, албатта, мусоидат хоҳанд намуд.

**Валаматшех МАҲМУДОВ,**
**Аълочии мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Натиҷаи семинар-машваратҳо дар соли 2018



**Таҷрибаи рушди маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳанд, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваpату, вохӯриҳо ва таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад.**

Тавре муовини сардори Раёсати хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Иқбол Баҳриев қайд намуд, дар соли 2018 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон 2981 семинар-машварату ва вохӯриҳо баргузор шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 671 адад ё худ 29 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии семинар-машваратҳои баргузоргардида (2981) ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе 631 адад ё худ 21,2 фоиз, вилояти Суғд 882 адад ё худ 29,6 фоиз, вилояти Хатлон 538 адад ё худ 18,0 фоиз, ВМКБ 286 адад ё худ 9,6 фоиз, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 332 адад ё худ 11,3 фоиз ва Кумитаи андоз 312 адад ё худ 10,5 фоиз рост меояд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои мухталифи телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ ва радиоҳои гуногун, рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ,1383 барнома, эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ нашр гардидааст, ки нисбати соли гузашта 781 адад ё худ 56,5 фоиз зиёд мебошад.

Тибқи мактубҳои дастурии Кумитаи андоз мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки минбаъд бо шаҳрвандон ва соҳибкорон дар як моҳ на камтар аз се маротиба корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинар-машваратҳо, вохӯриҳо ва мусоҳибаҳо доир намоянд. Дар баробари ин, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар ягҷоягӣ бо дигар раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ҷиҳати таъмини фармоиши Раиси Кумитаи андоз "Оид ба гузаронидани семинар-машваратҳо" вобаста ба моҳияти дуруст татбиқ намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 21.02.2018, №1511 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.02.2016, №60 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451", дар маҷмӯъ, 2 адад видеоконференсия бо андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз дар ВМКБ, вилояти Суғд ва минтақаи Хатлон, 13 адад семинар-машварат бо андозсупорандагони калон ва кормандони НАК, НАМ, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва тобеи марказ гузаронида шуд.

И. Баҳриев гуфт, ки тибқи фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз аз ҷониби Гурӯҳи кории Кумитаи андоз бо андозсупорандагони шаҳри Кӯлоб ва кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар минтақаи Кӯлоб ва ВМКБ оид ба моҳият ва арзиши сулҳу оромӣ, субота сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, муҳимияти Стратегияи муқовимат ба коррупсия ва муқовимат ба экстремизму терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафти риояи интизоми меҳнат ва иҷроия корҳои фаҳмондадиҳӣ доир гардидаанд.

Илова бар ин, тибқи Нақшаи чорабиниҳо доир ба гузаронидани дарсҳои бозомӯзӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳоТоҷикистон, ки дар асоси Фармоши Раиси Кумитаи андоз аз 04.06.2018, №236 тасдиқ шудааст, аз тарафи кормандони масъули раёсат, дар дар маҷмӯъ, бо иштироки 474 донишҷӯю устодон вобаста ба моҳияти қонунгузории андоз семинар-машваратҳо доир шуд.Дар рафти семинар-машваратҳо 100 адад Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 560 адад буклет доир ба андоз аз воситаҳои нақлиёт, андози замин барои қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва андоз аз объектҳои ғайриманқул ба омӯзгорон ва донишҷӯён ройгон дастрас гардид.

Бо мақсади тарғиби моҳият, зарурат ва пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ дар ин давра зиёда аз 140 адад овеза (банерҳои рекламавӣ) омода гардида, дар шоҳроҳҳо ва хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ ҷойгир карда шуданд. Алҳол корҳо дар ин самт идома доранд.

**Н. ЗОИРЗОДА**

# МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият”, ҷиҳати хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки арзу шикоятҳоро нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2 пешниҳод намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 185 | ҶДММ «Тез Тур» | 30.04.2010 | 0110005849 |
| 186 | ҶДММ «Ширкати бозаргони Ваҳдати Эрон Тоҷ» | 04.11.2010 | 0110011486 |
| 187 | ҶДММ «Зайтун» | 14.06.2010 | 0110007737 |
| 188 | ҶДММ «МНТ» | 19.11.2010 | 0110011624 |
| 189 | ҶДММ «Тоҷи тилло» | 22.01.2010 | 0110003319 |
| 190 | ҶДММ «Манус и Ко» | 02.08.2010 | 0110010753 |
| 191 | ҶДММ «Саёҳати кухии Осиёгӣ» | 23.06.2010 | 0310006840 |
| 192 | ҶДММ «Сахт сохт» | 21.04.2011 | 0110012834 |
| 193 | ФҶДММ «Умрон холдинг Групп» дар ҶТ | 20.03.2014 | 0120000916 |
| 194 | КММ 10 НШ | 12.11.2010 | 0110011587 |
| 195 | НГВ Ш АР, ЭМ ЭНД Компания дар ҶТ | 14.03.2011 | 0120000586 |
| 196 | ҶДММ «Системаи иттилоотии назорати фурудгоҳ» | 08.05.2015 | 0110020818 |
| 197 | ҶДММ «Шоёнгруп» | 11.11.2010 | 0110011523 |
| 198 | ҶДММ «Парадайс коттон» | 18.04.2012 | 0110014621 |
| 199 | ҶДММ «Тамик» | 03.06.2010 | 0110007059 |
| 200 | ҶДММ «Юнитед Корпорейшн» | 21.03.2012 | 0110014484 |
| 201 | ҶДММ «Юлакс» | 01.10.2009 | 0110000615 |
| 202 | НФ ҶДММ «Кумрулар электрик макина иншаат санайи тиджарет» дар ҶТ | 28.07.2008 | 0120000403 |
| 203 | ФНШ «Рушди фермерони Панҷоб» дар ҶТ | 17.09.2010 | 0120000504 |
| 204 | ҶДММ «Усомаи Наҷмуддин» | 28.10.2009 | 0110001641 |
| 205 | ҶДММ «Ширкати байналмилалии фаъолияти фарҳангӣ» | 22.04.2011 | 0110012861 |
| 206 | ҶДММ «Чуан Шиди» | 30.03.2010 | 0110005015 |
| 207 | ҶДММ «Намчас интернешнл» | 25.10.2010 | 0110011330 |
| 208 | ҶДММ «Закариёи Рози» | 29.04.2010 | 0110005821 |
| 209 | ЧСП «Комербиз» | 26.01.2010 | 0110003392 |
| 210 | ҶДММ «Муҳаммади Рустам» | 15.04.2010 | 0110005381 |
| 211 | ҶДММ «айСтудент» | 01.10.2009 | 0110000807 |
| 212 | ҶДММ «Сорбон ТК» | 18.05.2010 | 0110006307 |
| 213 | ТМГХХ ЭН ЭЙЧ ПИ СИ ЛИМИТЕД | 11.02.2010 | 0120000192 |
| 214 | ҶДММ «Меҳрубони» | 29.06.2010 | 0110008782 |
| 215 | ҶДММ «Роҳи Корвон» | 13.05.2010 | 5110005221 |
| 216 | ФИЛИАЛИ НП «ЕААН» | 27.12.2013 | 0120000889 |
| 217 | ҶДММ «Ойзули» | 21.12.2009 | 0110002668 |
| 218 | ҶДММ «Тоҷик содирот» | 15.08.2014 | 0110019855 |
| 219 | ҶДММ «Майдони сохтмони» | 09.02.2010 | 0310003586 |
| 220 | ҶДММ «Саросар» | 15.04.2010 | 0110005427 |
| 221 | ҶДММ «Бахти Баҳор» | 01.10.2009 | 0110000285 |
| 222 | ҶДММ «Муваффақ 2015» | 20.11.2015 | 0110021377 |
| 223 | ҶДММ «Шариф-К» | 01.10.2009 | 0110000642 |
| 224 | ҶДММ «Анушервон тиҷорат 2011» | 15.12.2010 | 0110011770 |
| 225 | ҶДММ «Арк Синон» | 01.10.2009 | 0110000660 |
| 226 | ҶДММ «Офис Маркет» | 31.03.2010 | 0110005088 |
| 227 | ҶДММ «Зафар компания» | 04.04.2011 | 0110012669 |
| 228 | ҶДММ «Мамлакат сервис» | 14.06.2010 | 0110007691 |
| 229 | ҶДММ «Кудакистони Моҳира» | 30.08.2012 | 0110015235 |
| 230 | ҶДММ «Сафдар» | 14.10.2009 | 0110001421 |

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд.

| № | Ном ва насаби андозсупоранда | Санаи бақайдгирӣ | РЯМ |
|---|---|---|---|
| | СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ | | |
| 1 | Сафарова Равшана Муҳамедовна | 16.04.2014 | 0230046685 |
| 2 | Сафарова Тутиниссо Парвизовна | 10.08.2016 | 0230060536 |
| 3 | Музаффарзода Фарангис | 09.01.2017 | 0230062819 |
| 4 | Рабиев Фирузҷон Курбонмуродович | 01.04.2013 | 0230040865 |
| 5 | Сяофен Ван | 05.07.2010 | 0330079521 |
| 6 | Яқубова Тоҷинисо Низомовна | 16.06.2014 | 0230047923 |
| 7 | Боқиев Қосимбек Шарифович | 01.02.2011 | 0230024383 |
| 8 | Ҷалил Умар | 01.08.2016 | 0230060261 |
| 9 | Пиров Исломҷон Маҳмазоирович | 20.04.2015 | 0230053175 |
| 10 | Ғафоров Абдухалил Давлаталиевич | 04.07.2013 | 0230042689 |
| 11 | Раджаббеков Замон Ҷаҳонович | 09.04.2014 | 0230046337 |
| 12 | Шарипов Голибҷон Нарзуллоевич | 19.09.2013 | 0230043550 |
| 13 | Собиров Собир Тахирович | 17.02.2017 | 0230063937 |
| 14 | Абдукаримов Худойдод | 24.02.2011 | 0230025455 |
| 15 | Набиев Беҳзод Насимович | 26.02.2010 | 0430019462 |
| 16 | Мутиллоев Асадулло | 01.03.2010 | 0230011045 |
| 17 | Азимова Савринисо Қурбоновна | 07.02.2011 | 0230024740 |
| 18 | Каримов Рамзиёр Насриддинович | 30.12.2011 | 0230032459 |
| 19 | Мутавалиев Шарофидин Абдумуталибхонович | 04.10.2011 | 0430095775 |
| 20 | Усмонов Фируз Иномович | 26.09.2014 | 0130108569 |
| 21 | Расулов Хурсандмурод Сайфидинович | 27.04.2010 | 0930024444 |
| 22 | Конярова Равза Зокировна | 30.11.2010 | 0430066643 |
| 23 | Файзов Фузайл Каландарович | 18.04.2011 | 0230027115 |
| 24 | Собиров Носир Азамович | 08.12.2011 | 0230032202 |
| 25 | Ҳанифова Рухсора Шодиевна | 22.01.2007 | 0430023055 |
| 26 | Зарипов Юсуф Мадвалиевич | 09.11.2011 | 0230031579 |
| 27 | Ҳалимова Мехрибону Исмоиловна | 26.01.2010 | 0330010625 |
| 28 | Фокина Оксана Анатолевна | 27.08.2011 | 0230030094 |
| 29 | Зуфаров Сайфиддин Садуллоевич | 25.09.2015 | 0230055348 |
| 30 | Ҷалолов Саидҷаъфар | 19.11.2009 | 0330004034 |
| 31 | Исмоилов Раҳим Ҳакимович | 01.10.2009 | 0430001523 |
| 32 | Шокирова Дилшода Убайдуллоевна | 01.10.2009 | 0230000605 |
| 33 | Ашуров Неъмат Каримович | 02.03.2010 | 0230011229 |
| 34 | Содиқов Нусратулло Ҳикматович | 12.01.2012 | 0230032660 |
| 35 | Усмонов Хушвахт Субҳонович | 06.01.2014 | 0230044898 |
| 36 | Каримов Умедҷон Шамсутдинович | 30.07.2015 | 0230054596 |
| 37 | Арабов Ҷурабек Собирович | 04.01.2012 | 0230032495 |
| 38 | Муминов Рустам Ибрагимович | 07.09.2010 | 0230020560 |
| 39 | Хоҷамова Фарзона Абдукаримовна | 07.05.2014 | 0230047144 |
| 40 | Ёров Бузургмехр | 26.10.2010 | 0230022073 |
| 41 | Сафаров Ҳилоли Сайфуллоевич | 26.05.2016 | 0230058840 |
| 42 | Насиров Илхомҷон Қиёмитдинович | 15.12.2010 | 0330106994 |
| 43 | Қосимов Акбар Наркулович | 12.11.2012 | 0230038875 |
| 44 | Нуруллаев Муртазо | 08.05.2008 | 0230004115 |
| 45 | Холмахмадова Моҳпари Анваршоевна | 24.06.2016 | 0230059583 |
| 46 | Латипов Исматилло Раҳматуллоевич | 05.05.2010 | 0230014501 |
| 47 | Камаров Рустам Умарович | 05.03.2012 | 0230033944 |
| | ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ | | |
| 48 | ҶДММ «Интер Сити Тур» | 09.07.2004 | 0110010588 |
| 49 | ҶДММ «Метал Экспорт ФЗС» дар ҶТ | 12.08.2009 | 0220000083 |
| 50 | ҶДММ «Объед.сист. момент.плптежей | 01.10.2009 | 0210001651 |
| 51 | ҶДММ «Ҳадаф» | 15.02.2010 | 0210005043 |
| 52 | ҶДММ «Премиум Класс ЛТД» | 13.03.2012 | 0210015108 |
| 53 | ҶДММ «Ширкати Байнал.Сохт Тоҷ-Чин | 24.01.2014 | 0210019838 |
| 54 | ҶДММ «Стандарт Сохтмон» | 16.05.2014 | 0210020443 |
| 55 | ҶДММ «Ширк.Муттах. Рушди Саноати Кӯҳии Тоҷикистон | 15.08.2013 | 0210018949 |
| 56 | НШ «Амир айрвейс» | 15.04.2010 | 0220000532 |
| 57 | МТК «Довудшоҳ» | 21.12.2009 | 0210003705 |
| 58 | ФШ «Метал Экспорт ФЗС» дар ҶТ | 31.10.2009 | 0210000083 |
| 59 | ҶДММ «Ризо Тиҷорат» | 01.10.2009 | 0210000909 |
| 60 | КМ «Ширкати соҳибмулкони манзил» | 02.07.2010 | 0210009773 |
| 61 | ЧСП «Санон Фуникс» | 11.11.2012 | 0210016290 |
| 62 | АХД «Пайки Меҳр» | 16.12.2011 | 0210014585 |
| 63 | ҶДММ «Китоби Ман» | 28.03.2015 | 0210021900 |
| 64 | ҶДММ «Вики Ай Травел» | 14.05.2015 | 0210022111 |
| 65 | ҶДММ «Артлантис Констракшн» | 24.02.2015 | 0210021809 |
| 66 | ҶДММ «Тиллои Сафед-2013» | 05.12.2013 | 0210019499 |
| 68 | ҶДММ «ТАКХ Меҳр» | 30.06.2010 | 0510002570 |
| 69 | ҶДММ «Некон Сохтмон» | 16.05.2014 | 0210020452 |
| 70 | КВД умуми дар Раёсати савдои Ҳукумати ш.Душанбе | 01.10.2009 | 0210001541 |
| 71 | ҶДММ «Омина Ко» | 21.09.2011 | 0210014127 |
| 72 | ҶДММ «Имай» | 03.09.2013 | 0210019095 |
| 73 | ҶДММ «Меркурий 2000» | 26.06.2010 | 0210009287 |
| 74 | ҶДММ «Варзиши Байналмилиал» | 24.08.2010 | 0210011340 |
| 75 | АМ «Букмекерони Тоҷикистон» | 10.12.2012 | 0210014897 |

(Давом дорад)

# Навбосмачиҳо бузургони моро шинохтан ва донистану қабул кардан намехоҳанд

**Чанд соли охир расонаҳои иттилоотӣ, хосса расонаҳои хориҷиву шахсӣ, ба мавзӯи ҳаракати босмачигарӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда истодаанд.**

**Албатта, ба таърих ва ҳодисаҳои муайяни он бо гузашти солҳо барои ошкор намудани ҳақиқатҳои ниҳонаш зиёиён, равшанфикрон борҳо назар мекунанду фарзияву хулосаҳои худро мебароранд. Аммо агар ин гуна нигоҳҳо бо чашми хирад набошад, таърих на танҳо ҷаҳолати назаркунандагонашро ошкор месозад, балки бо таҳлилҳову андешаҳову хулосаҳои нодурусташон мардумро ба гумроҳӣ ва кӯчаҳои сарбаста мебаранд.**

**Муроду ҳадаф аз рӯ овардан ба ин мавзӯъ чист? Тарҳсозони ин гурӯҳи муаллифон киҳоянд? То куҷо метавонанд «муваффақ» бишаванд? Аз ин ҳама киҳо «манфиат» мебардоранд? Бо ин амалҳои номатлуб манфиатҳои миллиро ҳимоя мекунем ва ё онҳоро зери по мениҳему баъдҳо аз даст медиҳем. Таърих, шахсиятҳои маъруфу ҳомиёни аслии миллат ва шоҳидони давр дар ин хусус чӣ андеша доштанду кадом мавқеъро барои худу миллат пазируфтанд? Ва ҳам саромадони асилу бонанги миллати мо дар оғози асри гузашта мардум, миллатро чӣ гуна раҳнамунӣ карданд? Саркардагону ба вуҷудоварандагони ҳаракати босмачигарӣ киҳо ва аз куҷову ба чӣ мақсад омада буданд? Оё онҳо, воқеан, манфиатҳои милливу динии моро ҳимоят кардан мехостанд? Пушти ин пардаҳо чӣ бозиҳои пинҳон сурат мегирифтанд? Барои посух гирифтан ба ин пурсишҳо хабарнигори рӯзнома Абдулқодири Раҳим, бо доктори илмҳои таърих, профессор Иброҳим Усмонов муроҷиат намуд.**

Босмачиҳо на ҳомии дин ва на мухториятхоҳ, меншевик, балки пеш аз ҳама, дузд, дузди ғаддор ва яғмогари хунхор буданд (Садриддин Айнӣ. «Босмачиёни Фарғона кистанд?», Куллиёт. Ҷилди 9)

- Ҳар саҳифаи таърихи халқ ба он баҳогузорӣ мешавад, ки он ба ояндаи халқ чӣ додааст? Чизҳои зебои зиёде метавонад бошад, ки натиҷаашон чандон зебо нест. Ва чизҳои зиёди дар зоҳир зишту бад ҳам ҳастанд, ки дар асл зебо ва натиҷаашон ба манфиати халқ мебошад. Вақте ки мо ба таърихи солҳои 20-уми асри гузашта назар кардан мехоҳем, бояд ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ бидиҳем.

Тарафи дигари масъала дар он аст, ки ҳамин воқеаи бамаломада чизи тамоман аз ақл берун буд ва ё чизе шабеҳи воқеаҳои дигар. Дар таърихи башарӣ, натанҳо дар таърихи халқи тоҷик, ҳеҷ тағйироти сиёсие нест, ки бе хунрезӣ ба амал омада бошад. Ҳатто ҷорӣ шудани ислом дар Осиёи Миёна сари ҳазорон падарон ва бобоҳои моро хӯрдааст. Ҳеҷ кас ба шакли одӣ рафта «Раҳмат, ки ба мо ислом овардед» нагуфтааст. Онро қабул кунонданд. Чунки ба ин шакл он дар оғоз барои мо чизи бегона буд. Вале мардуми тоҷик дар охирату оқибати он розӣ ҳастанд, розӣ аз он, ки ин дину фарҳангро пазируфтаанд. Он, ки имрӯз исломро баъзеҳо ба манфиати худ истифода бурдан, худашонро соҳиби ислом эълон кардан, халқро аз ислом маҳруму худро қариб пайғамбар эълон намудан мехоҳанд, ин чизи дигар аст. Вақте ки дар бораи ҳаракати босмачигарӣ ва Ҳокимияти Шӯравӣ сухану андешаамонро баён мекунем, бояд ин меъёру натиҷагирӣ риоя бишавад. Ман мехоҳам шахсиятҳоеро ном бибарам, ки мероси онҳо барои мо бояд намуна бошанд. Мутаассифона, дар мо шумораи одамон, дақиқтараш ҷавононе зиёд шудаанд, ки онҳо ин шахсиятҳо, бузургони моро шинохтан ва донистану қабул кардан ҳам намехоҳанд. Гумон мекунанд, аз он чӣ, ки бузургони мо медонанд, дониши ин гурӯҳ бештару беҳтар аст. Ба назари онҳо аз он чӣ, ки устод Садриддин Айнӣ, Сайидризо Ализода дар бораи воқеаҳои солҳои 20-уми асри гузашта гуфтаанд, нодурусту номукаммаланд, чунки бо маълумоту дониши ин гурӯҳ мувофиқат намекунанду дар зинаҳои поёнтар гӯё қарор доранд. Намеандешанд, ки ин устодон фарзандони ҳамон замон буданд. Ҳақиқатро диданд, дарёфтанд ва бо гузаштаи худ муқоиса карданду тафовуташро шинохтанд. Кадомаш беҳтар аст, ҳамонашро пазируфтанд. Чун ин ду шахсияти бузурги таърихиро ном бурдам, мехоҳам ба як масъала равшанӣ андозам. Сайидризо Ализода шахсе буд, ки дар Туркистон, дар ҳукумати он шуъбаи тоҷикиро ба вуҷуд овард. Дар ин ҳукумат миллатҳои асосӣ ин халқҳои туркии Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафтанд: ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо. Афғонҳо, яҳудиҳо, ҳиндуҳо ва ба ин монанд халқҳои хурду майда ба ҳисоб мерафтанд. Аввал номи тоҷик на дар миллатҳои асосӣ ва на дар миллатҳои майда набуд. Ализода ба мақомоти болоӣ дархост карда, муваффақ шуд дар Ҳукумати Туркистон шуъбаи тоҷикӣ ташкил карда шавад. Ин шахсият мудири шуъбаи тоҷикӣ шуд ва дар ин замина расо сад сол пеш, моҳи апрели соли 1919 рӯзномаи тоҷикии «Шуълаи инқилоб»-ро таъсис дод. Бо нашри ин рӯзнома манфиатҳои халқи тоҷик ҳимоя ва соҳибӣ мешуд. Ба назари ӯ, ки яке аз беҳтарин шахсиятҳои давр буд, ҳаракати босмачигарӣ ҳаракати зиддихалқӣ маҳсуб меёфт, зидди миллати мо, мардуми мо, манфиати оммаи мо буд. Дар ин рӯзнома ва баъдтар дар асарҳояш устод Садриддин Айнӣ дар муқобил, бар зидди ин ҳаракат сухан гуфтанд. Як силсила мақолаҳо таълиф карданд бо номи «Босмачиёни Фарғона кистанд?». Дар ин мақолаҳо хусусияту шахсияти ин босмачиҳоро муайян карданд: дузду ғоратгару одамкуш. Онҳо ҳатто меншевик нестанд. Бо амалҳои зишташон ба гурӯҳи хурде барои манфиатҳои муайян такя мекарданд. Ин ҳаракат охири соли 1919 на дар мо, яъне, дар Бухоро, балки дар Туркистон ба вуҷуд омад, шурӯъ шуд.

Айни омодагӣ ба ин мусоҳиба, маҷаллае дар дастам афтид, ки дар бораи саркардаи босмачиҳои туркман Ҷунайдулло дар солҳои 20-юми асри 20, нақл мекунад. Ҷунайдулло ҳини гуфтушунид ба намояндагони ҳукумати вақт шарт мегузорад, ки ӯ аз мубориза мусаллаҳона даст мекашад, агар дар қаламрави Туркманистон, давлати мустақил таъсис дода нашавад. Тафаккури давлатдориро бинед. Тафовут аз замин то осмон. Босмачиҳои наву кӯҳнаи мо бошад ҳамвора барои тазъифи давлат бо хориҷиҳо ҳамкорӣ намуда ва инро «муборизаи озодихоҳӣ» вонамуд кардаанд.

Агар дар хусуси бар зидди босмачиён сухан гуфтани фарзандони бедори солҳои 20-ум ба миён ояд ва ба муқобилони ҳаракат ном бурда шавандy андешаҳояшонро ёдоварӣ бикунанд, тарафдорони ҳаракати босмачигарӣ изҳор медоранд, ки амалҳову мавқеъгирияшон аз рӯи талаботи давр, ё худ ҷонибдории сиёсати замон буд. Кӣ сиёсатро ифодаву ҷонибдорӣ намекунад? Кадоме аз ин шахсон, ки босмачигариро амали мусбат арзёбӣ мекунанду ба тарафдориашон сухан мегӯянд, сиёсатеро ҳимоя наменамоянд? Не. Онҳо ҳам ҷонибдори сиёсатеанд ва ин сиёсат дар навбати худ ба нафъи гурӯҳест, ки онро роҳандозӣ мекунанд. Ман мепиндорам, ки асоси назария дар он аст, ки мо бояд ба ҳисоб бигирем, ки ташкил шудани давлати Шӯравӣ, аз миён рафтани аморати Бухоро – ин ба манфиати халқи тоҷик буд ё ба зарари он? Мо аз бунёд шудани ин давлат бояд розӣ бошему шод ва ё афсӯс бихӯрем, ки аморати Бухоро барҳам хӯрд? Агар аз давлати Шӯравӣ розиву шод бошем, пас ҳаракати босмачигарӣ муқобилу зидди ин давлат буд ва ба яқин, бад аст. Вале, агар афсӯс бихӯрем, ки аморати Бухоро маҳв гардида, он бароямон беҳтар буд, пас ин ҳаракат нек мебошад.

Шахсан ман чӣ андеша дорам дар ин хусус? Дар солҳои 80-уми асри гузашта дар Афғонистон ба сифати муаллим чор сол кор кардам. Чӣ гуна будани зиндагии мардуми он кишварро дар он солҳо ва дар кадом вазъият будани тоҷиконашонро дар он даврон ва имрӯзаашро ҳам хуб медонам. Дар деҳоти Афғонистон, дар деҳоти Эрон низ бисёр будам. Эрон нисбат ба Тоҷикистон дар гузаштаи дур, яъне то асри XX давлати тараққикарда ба шумор мерафт. Вақте ки ба худамон онҳоро муқоиса мекунам, шод мешаваму розиву қаноатманд, ки давлати Шӯравӣ пирӯз шуд. Ин давлат ба мо имконияти обод кардани Ватанро дод. Устод Айнӣ дар мақолаи «Ҳукумати Шӯравӣ ба мо чӣ дод?» менависад: «Ҳар чизе, ки барои зиндагии як миллат лозим буд, давлати Шӯравӣ ба мо дод». Аз он мо чӣ гуна истифода бурда тавонистем – ин масъалаи дигар аст.

Ба гуфти устод Айнӣ барои мо давлат, мактаб, беморхона, марказҳои тиббӣ зарур буд, Ҳукумати Шӯравӣ дод. Аз чӣ чизи додааш норизоиву ношукрӣ бикунем? Шахсиятҳои бедору огоҳи давр аз ин гуна имкониятҳо саривақт ва пурсамар истифода карданд, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ. Масалан, ба дасти ӯ китобҳои «Таърихи адабиёти Эрон», «Таърихи адабиёти Озарбойҷон», «Таърихи адабиёти Туркия», «Таърихи адабиёти Тотористон» афтод. Ба ин хулоса омад, ки онҳо миллат шудаанду адабиёти миллаташонро ба вуҷуд оварданду муаррифӣ месозанд. Ба худ зарур шумурд, ки ин гуна як кори некро ба анҷом бирасонад, албатта, барои миллат, шинохти бештару дурусти он. Ба ин хотир ба навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» шурӯъ намуд, то ба исбот расонад, ки халқи тоҷик худ соҳиби адабиёт буд. Дар ин асари мондагор намунаи эҷоди онҳоеро ворид намуд, ки ба сифати тоҷик шинохта мешуданду аз онҳо ном мебурданд, дар Мовароуннаҳр зиндагӣ мекарданд, яъне дар Осиёи Миёнаи имрӯза ва қисман дар Афғонистон ва ҳам Хуросони Эрон. Калимаи машҳуру зебои «тоҷик»- ро, ки дар миёни халқ буд, онро ба сифати миллату забон баровард ва ба ҳимояи он бархост.

Дар ҳаракати босмачигарӣ ҳама гуна қувваҳо буданд. Тамоми миллатҳои Осиёи Миёна – тоҷикҳо, қирғизҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқҳо дар он иштирок карданд. Вале ғоя чӣ буд? Ва ин иштирок чӣ гуна буд?

Соли 1977 як намоишнома – пйесаи ман бо номи «Писари босмачӣ» чоп шуд. Ғоя ва хулосаам ин буд, ки босмачигарӣ ҳаракати бад аст, вале на ҳар кӣ ба он ворид гардид, душмани халқ мебошад. Дар ин ҳаракат одамоне ҳам буданд, ки ё ғалат карданд, ё зери фишор монданд, ё нафаҳмида шарики босмачиҳо шуданд. Вақте ки мо ҳаракати мазкурро маҳкум менамоем, ин гурӯҳро дар назар надорем. Сухан дар бораи саркардагон, идеологҳои он мебошад ва ҳам манфиатҳояшон. Ин намоишнома дар хусуси падари писарбачаест, ки барои озод намудану пешгирии ғорати деҳа дар ҳаракати босмачигарӣ иштирок кард. Албатта, ин кашфиёти ман нест. Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун ҳанӯз дар замони шӯравӣ дар романаш аз шахсоне сухан гуфт, ки ғалат карда, ба босмачиҳо ҳамроҳ гардиданд. Дар пйесаи «Хиёнат»-и Ҷалол Икромӣ низ ин мавзӯву масъала баррасӣ мешавад. Дар ин намоишнома образи асосӣ, марказӣ Асадмахсум- яке аз саркардагони ҳаракат аст. Вай дарк мекунад, ки шиори мо – миллати озоди Бухоро аслан барои мардуми Бухорову миллати тоҷик нест. Ин шиори коркардаву баровардаи бегонаҳо мебошад. Ӯ афсӯс мехӯрад, ки ба ин роҳ, роҳи ғалат рафт.

Идеологияи босмачигарӣ чӣ буд? Оё он мавриди қабул аст ё не? Барои рӯшан шудану дарёфти мақсад чанд нафарро ном мебарам: Анварпошо, Иброҳимбек, Қароқизилпошо, Салимпошо, Юсуф Зиё, Сурайёафандӣ. Инҳо турканд. Осиёимиёнагӣ нестанд. Аз Туркияи онрӯза омадаанд ва дар Бухоро ҳаракати босмачигариро ба вуҷуд оварданд. Тасаввур бикунему бипурсем, ки онҳо ба мо чӣ иртибот доранд. Баъзе бо даъво мегӯянд, ки Армияи Сурх ба мо бегона буд. Бигузор чунин бошад. Аммо ин туркон киҳоянд? Хешанд? Аз Туркия омада, ақидаву идеологияи туркиро дар Бухоро ҷорӣ кардан хостанд.

Онҳое, ки ба таърихи халқи мо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, бояд як чизро нағз дар хотир дошта бошанд, ки шурӯъ аз солҳои 10-уми асри гузашта туркҳо кӯшиш ба харҷ доданд, ки забони халқҳои осиёи Миёна – ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо, қазоқҳо туркӣ бошанд. Забони худашонро ҷорӣ кардан мехостанд. Аммо ин халқҳо онро ба ҳеҷ сурат напазируфтанд. Ана ҳамон туркҳо моро ҳам турк кардан мехостанд.

Ҳадафи онҳо муттаҳид кардани мардуми туркзабон дар зери як парчам буд. Он вақт ҳамин гуна парчам амири Бухоро маҳсуб мешуд.

Акнун ба ин пурсиш бояд посух бигӯем, ки «Амири Бухоро кист?». Баъзеҳо аз он ифтихор мекунанд, ки дар замони ҳукмронии амирони Бухоро забони мо, яъне тоҷикӣ забони давлатӣ буд. Ва агар ин аморат боқӣ мемонд, забони мо чун забони давлатӣ баробари он пойбарҷо мемонд. Мутаассифона, ин гуна пиндор ғалат ва он хаёли хом мебошад. Як мисол меорам. Соли 1742 Афғонистони имрӯза аз Эрон ҷудо шуду худро давлати Хуросон эълон кард. Бунёдгузорони давлат пашту буданд, забони давлатиашон аммо дарии форсӣ ба шумор мерафт. Соли 1801 ин давлатро Афғонистон номиданд. Оҳиста-оҳиста дар ин кишвар гуфтугӯи ғайридарӣ ҳам пайдо шуд. Соли 1936 забони пашту забони дуюми Афғонистон гардид. Баъди сӣ соли минбаъда, яъне солҳои 60-ум масъала гузоштанд, ки пашту бояд забони якуми ин кишвар бошад. Мавқеи дарӣ танг шуд. Ҳатто дар даврони ҳукмронии Довудхон барои онҳое, ки бо забони пашту гап мезаданду фаъолият мебурданд, маоши иловагӣ ба андозаи афзудани 25 дарсад муқаррар карданд. Яъне, дар Бухоро низ ҳамин ҳолат ба вуҷуд меомад ва мавқеи забони тоҷикиро тангтар менамуданд.

Дуруст аст, ки дар аввали солҳои 20-уми асри гузашта забони Бухоро тоҷикӣ буд. Аммо набояд аз ёд бурд, ки бо таъсиси Ҷумҳурии Халқии Бухоро имкони фаъолияти забонро танг намуда буданд. Ин, албатта, пеш аз зуҳури ҳаракати босмачигарӣ татбиқ шуда буд. Аллома Аҳмади Дониш дар асарҳояш Бухороро чун давлати манғития ном мебарад. Яъне, нагуфтааст, ки ҳукумати тоҷикии Бухоро. Агар чунин мебуд, Аҳмади Дониш онро бо ифтихор таъкид мекард.

Туркҳое, ки ба ин кишвар омада буданд, аз ҷиҳати миллат ба манғития наздикӣ доштанд ва аз ҷиҳати сиёсӣ зидди давлати русӣ ин ҳаракатро созмон додаву пеш мебурданд. Ҳаракати босмачигарӣ ҳамчун ҳаракати мардуми ба ақидаи туркпарастӣ иттиҳод сабт шудааст. Туркпарастӣ на танҳо ба зарари мо – тоҷикон, балки ба зарари ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, туркманҳо ҳам буд. Дар дусад соли ҳукмронияш ин давлати манғития дар тамоми қаламрав, яъне дар Осиёи Миёна чизе насохт. Таърих бар ин гувоҳ мебошад, албатта, ба ҷуз бунёди чанд мадраса дар Бухоро. Ҳатто дар маҳалҳо мадрасаҳо пайдо нашуд, балки онҳоро бунёд насохтанд. Ва низ масҷидҳои калон, роҳ, пул, табобатхона дар ин давр пайдо нашуданд. Ба ин тариқ, дар 200 сол давлати амирӣ чизе насохт, ба пешрафту рушду тараққӣ рӯ наовард, вале дар давоми 50 сол ақаллан роҳҳову пулҳои одии рафтуомадро сохтем-ку. Имрӯз, яъне дар замони истиқлол иншоотҳои бошукӯҳ бунёд намудем. Бояд эътироф бикунем, ки нахустин тарҳи онҳо он замон ба вуҷуд омаданд. Агар ҳаракати босмачигарӣ пирӯз мешуд, оё мо метавонистем, ки соҳиби давлат, мактаб, беморхонаҳо ва дигар иншооти муҳим бигардем? Аз соли 1920 то ба соли 1990 дар Осиёи Миёна он қадар иншооте бунёд ёфтанд, ки дар Афғонистон ба ин миқдор сохта нашуданд, дар Эрон низ. Яъне, ин дар натиҷаи шикаст додану шикаст хӯрдани босмачигарӣ буд. Агар онҳо пирӯз мегаштанд, мо соҳиби ин гуна дастоварде шуда наметавонистем. Ҳатто дар номаи амири Бухоро ба Лигаи миллатҳо, ки бисёр вақт тарафдорони ҳаракати босмачигарӣ аз он иқтибос менамоянд, аз бунёди иншооте ба хотири обод кардани мамлакаташ ёдовар намешавад. Пештар саркардагони ин ҳаракатро, ки турк буданд, ном бурдам. Акнун қурбониҳои худамонро ном мебарам: Иброҳимбек, Авлиёқулбек, Дониёримоқ, Қарахонбӣ, Туғайсарӣ. Инҳо аз ҳамон қабилҳоянд ва ҳамон идеологияро ҷонибдорӣ ва ҳамон рӯҳияро ифода мекарданд.

Аз он замон дур шудем. Мо насли навем. Аммо натиҷаҳои бади он замон ва тарафдорони ин ҳаракатро аз падарону бобоёнамон шунидем. Наход суханони кӯчагии ин одамоне, ки дар он даврон назистанд ва ҳақиқати ҳолро шоҳид набуданду Худо медонад чӣ хондаанду донистаанд, аз хулосаҳои дурусту дақиқи онҳо муҳимтару баландтар бошанд? Дар ин замина ман ба ду чиз ишорат кардан мехоҳам. Се китоб аст. Дар бораи ҳамон замон ва ҳодисоти рухдода маълумот медиҳад. Яке аз аз онҳо «Таърихи нофеъӣ»- и Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсаиди Балҷувонӣ аст. Ин муаллиф тарафдори давлати Шӯравӣ набуд, вале ҳамон ҳақиқатеро баён доштааст, ки мо тарафдори онем ва дар ин хусус сухан кардем. Ӯ таъкид ва шукр менамояд, ки ҳаракати босмачигарӣ ғалаба ба даст наовард, вагарна мулкро хароб месохт.

**(Давом дорад)**

**Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият»**
*31 январи соли 2019, №24*

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Зервана» (РЯМ 0410006273), воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Боймирзо 1» (РЯМ 16100001654) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Орзу» (РЯМ 0710000940) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ҳоҷи Мусохуҷа» (РЯМ 0710004158) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Отабек 2015» (РЯМ 0710009520) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ҳафтдодарон» (РЯМ 3310009881) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Абдусалом Ж» (РЯМ 3610002055) воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ҷовид - АВИА» (РМА 510035238) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии Х/Д «Озод Р» (РЯМ 6210004891) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ Ширкати комили «Файз 77» (РЯМ 0610000820) воқеъ дар шаҳри Роғун, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Мавҷҳои Вахш» (РЯМ 3310009450) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Абдурауф 2010» (РЯМ 3510004447) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назарова Анзурат (РЯМ 0930062779), аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бафоев Алишер (РЯМ 0330193443), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Халикулов Одилҷон (РЯМ 03300032405), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидҷамоли Изатулло (РЯМ 0331318415), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хушмуродов Сайдалӣ (РЯМ 0330176395), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бобоева Марзия (РЯМ 5230006128), аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мавлонова Гулҷаҳон (РЯМ 5230022023), аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Алишери А» (РЯМ 0530074582), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Раҷабова Турсунбибӣ (РЯМ 0930056848) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Самадов Ҳотамбек (РЯМ 1830076729), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Мири Поқ» (РЯМ 1830063501), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Маноб» (РЯМ 1830060568), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуҳафизов Бахтиёр (РЯМ 0730108150), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ёдгоров Бобомурод (РЯМ 0730183383), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба МТМУ №71 (РЯМ 0710007504), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Лочин» (РЯМ 0930051815), аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимова Муҳаббат (РЯМ 2830083621), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарбатов Толиб (РЯМ 2830123725), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимова Нигорахон (РЯМ 2830007033), аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Гулнисо 1965» (РЯМ 2210002695), аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Муҳр ва штампи Кооперативи тиҷоратии Х/Д «Озод Р» (РЯМ 6210004891) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимҷонов Фарҳодҷон (РЯМ 6230024057), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷаборалиева Замира (РЯМ 6230011315), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шодиев Акбарджон (РЯМ 6230011315), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Комилов Олимҷон (РЯМ 6230170742), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ахмедов Қобил (РЯМ 3830054755), аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Экогаз-М» (РЯМ 3310009771), аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунанда, бо худ нигоҳ доред.

Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW. ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

**УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас

**ВОЗДЕРЖАТЬСЯ ОТ УПЛАТЫ ИЗЛИШНИХ НАЛОГОВ ТЕКУЩЕГО ПЕРИОДА.**

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации. В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов,

**МОЖЕТЕ ОБРАЩАТЬСЯ В КОНТАКТ – ЦЕНТР НАЛОГОВОГО КОМИТЕТА ПО ТЕЛЕФОННОМУ НОМЕРУ 151 ИЛИ ПИСЬМЕННО.**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**РУШДИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИИ КИШВАР АЗ УСТУВОРИИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО ВОБАСТА АСТ**



**ТАШАККУР БАРОИ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО!**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## Андоз ва андозбандӣ дар замони барқароршавии сотсиализм

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Андоз аз гардиши ашёи қиматбаҳоро ҳамаи муассисаҳои савдо ва саноатӣ, дар баробари андози баробарсозӣ, ба ғайр аз ташкилотҳои истеҳсолии кооперативӣ ва корхонаҳои давлатии истеҳсолкунандаи молҳо барои таъмини Армияи Сурх месупориданд. Ин андоз ба андози баробарсозӣ монанд буд, вале ҳаҷмаш нисбатан кам - 0,55 % - гардиши маблағҳоеро ташкил медод, ки аз онҳо андози баробарсозӣ мегирифтанд.

Дар даври индустриализатсия инчунин андози ҳарбӣ бозсозӣ карда шуд. Соли 1926 доираи супорандагони ин андоз аз ҳисоби шахсоне, ки бояд хидмат мекарданд, вале дар асл (воқеан) хидмат намекарданд, афзоиш ёфт. Аз соли 1929 сар карда ҳаҷми ин андоз зиёд гардид.

Соли 1926 бар ивази пардохтҳои давлатӣ (государственная пошлина) аз ҳисоби мерос ва ҳадяҳо андоз аз мол (амвол) ҷорӣ шуд. Барои молу дорой – мерос ва ё барои ҳадя андоз супоридан лозим меомад. Андозсупорандагон меросхӯрон, ашхосе, ки ба онҳо молу дорой туҳфа мешуд, андоз месупориданд. Мақсади асосии ҷорӣ кардани андоз аз молу дорой, ки ба мерос гузошта ё ҳадя мешуданд, пешгирии даромадҳои муфт буд. Ҳаҷми ин андоз, ки аз рӯи прогрессияи афзоиш тартиб меёфт (1 % аз маблағи 1000 то 2000 рубл, 90 % аз маблағи зиёдтар аз 500 ҳазор рубл), ба ин пешгирӣ ва мубориза мусоидат мекард.

Ҳисобу китоби андозро мақомоти молия анҷом медоданд; ҳар як меросхӯр мутаносиб ба ҳиссаи моли гирифтааш дар муддати як моҳ пас аз анҷоми ҳисобу китоби мақомоти молия маблағи андозро пардохт менамуд. Аз моли ҳадяшаванда низ ба ҳамин ҳаҷм андоз ҳисобу китоб мекарданд, вале пардохти он аз рӯи ними ҳаҷми андоз сурат мегирифт.

Бозсозии андоз барои нишони давлат (гербовый сбор) соли 1927 гузаронида шуд. Мувофиқи оинннома барои муроҷиатҳои хаттӣ (номаҳо) ба муассисаҳои давлатӣ, ашхоси соҳибмансаб ва ҷавоб ба номаҳо, ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиёте, ки бо иштироки муассисаҳои давлатӣ ва соҳибмансабон гузаронида мешаванд, андоз бояд супорида шавад. Аз ин амали андозситони векселҳо (васиқаҳо) истисно гардиданд; пардохти онҳо тавассути андоз аз нишони давлатӣ мушкилие пеш намеовард.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Аз ҳар хусус

## 5 муҷассамаи баландтарини олам

### МУҶАССАМАИ ВАШИНГТОН

169 метр



Ин муҷассама дар шаҳри Вашингтон ҳамчун рамзи хотираи абадӣ ба ифтихори Президенти нахустини ИМА Ҷорҷ Вашингтон бунёд шудааст. Он замон, то бунёди манораи Эйфели Париж баландтарин муҷассамаи рӯйи замин ба шумор мерафт.

### ВАТАН-МОДАР ДАЪВАТ МЕКУНАД!

85 метр



Иншооти мазкур ба муҷтамеи «Героям Сталинградской битвы» дахл дошта, дар Қӯрғони Мамаеви шаҳри Волгоградри Русия қомат афрохтааст. Муҷассама замони сохта шуданаш дар ҷаҳон баландтарин ба шумор мерафт. Қаду қомати зан бе шамшер ба 52 метр баробар аст.

### ЛЕЧЖУН САСАЧЖА

116 метр



Ин иншооти бузурги муҷассамавии Буддои ростистода дар музофоти Сикайни кишвари Мянма сохта шудааст. Буддои дигарӣ, ки дар ҳолати хуфта 17 сол қабл аз он дар пойгоҳи 13,4- метра эҷод гардида буд, ба ин нишондод шомил нест.

### МУҶАССАМАИ ЧИНГИЗХОН

50 метр



Муҷассамаи асосгузори империяи муғулҳо — Чингизхон дар шаҳри Сонжин-Болдоги кишвари Муғулистон бунёд гардидааст. Аспи бузург бо саворааш дар болои нигорхонаи бадей насб шудааст. Дар болои сари асп майдончаи тамошо ҷойгир аст.

## Суханони ҳакимона

Мо бо мавқеамон не, мавқеъ бо мо фахр кунад.

xxx

Шахсе, ки бузургиро дар мансаб мебинад, пастии худро эътироф мекунад.

xxx

Китоби хуб ҳамон китобест, ки бо умед кушодаву бо бурд пӯшида мешавад.

xxx

Таъби хушу руҳи болида барои саломатию кор ва муносибат бо одамон манфиатбахш аст.

xxx

Қалби зебо ширинтар ва беҳтар аз чеҳраи зебост ва покии сиришт зеботар аз либоси абрешимӣ аст.

xxx

Омӯхтани суханварӣ аз омӯзиши шамшерзанӣ беҳтар аст.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Обро ҳеҷ гоҳ дубора наҷӯшонед, чунки дар ҳолати дубора ҷӯшиданашон маҳлули заҳролуди диоксин ҷудо карда, сабаби пайдоиши саратон мегардад.

## Аз таърихи рамзи «HOLLYWOOD»

Яке аз нишонаҳои машҳуртарини ИМА ин рамзи «HOLLYWOOD» мебошад. Он дар Лос-Анҷелес дар баландии 491 метр ҷой гирифтааст. Ин рамз соли 1923 гузошта шуда, дар ибтидо барои тарғиби фурӯши хонаҳои нав хизмат менамуд. Баландии ҳар ҳарфи он 15 метр ва бари онҳо 9 метрро ташкил медод. Дар аввал онро ба муҳлати 1,5 сол сохта буданд, лекин он шуҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо намуд. Имрӯзҳо он рамзи киноиндустрияи Амрико ҳисобида мешавад. Соли 1978 бо ташаббуси мусиқинавоз Эллис Купер барои таъмир ва азнавсозии ин рамз 250 000 доллар ҷамъоварӣ шуд. Дар натиҷаи таъмир ва азнавсозӣ ҳаҷми ҳарфҳо дигар гашт. Баландии ҳарфҳо 13,7 метр ва барашон аз 9,3 то 11,8 метр тағйир дода шуд. Ин рамзро аз ҳар гӯшаи Лос-Анҷелес метавон дид.



## АСАБ АЗ ЧӢ БЕШТАР ХАРОБ МЕШАВАД?

Муҳаққиқон муайян карданд, ки дар ҷаҳони муосир чӣ чиз бештар одамонро азият медиҳад ва асабӣ мекунад.

Аз рӯйи пурсиши 2 ҳазор нафар, дар ҷойи аввал фурӯшандагони «хира» меистанд, ки мизоҷони худро ба ҳар восита, аз ҷумла тавассути телефони мобилӣ, ташвиш медиҳанд. Ба онҳо 65 дарсади пурсандагон нафрат доранд.

Бокимонда ба таври зерин тақсимбандӣ шудаанд: интизори пайвастшавӣ ба марказҳои муайяни хизматрасонӣ, тамбашавӣ дар роҳҳо, ишғол намудани якбора ду ҷой аз ҷониби мусофирон дар нақлиёти ҷамъиятӣ, суст ҳаракат кардани одамони пеш аз шумо дар навбати маош, муштариёни дағал, дастшӯҳои пулакӣ ва зарурати риштарошӣ.

## Панди рӯзгор

Ҷавоне хонадор шуд. Рӯзи дуввуми хонадорӣ дӯстони ҷавон як гӯсфанди пӯсткандаро оварданд. Ҷавон ба ҳамсараш амр намуд, ки гӯсфандро пӯхта барои ӯ ва дӯстонаш таом омода намояд. Зан гуфт, ки маҳорати пӯхтани гусфандро надорад. Ҷавонмард дар ғазаб шуда, гуфт, ки либосҳо ва чизу чораатро ҷамъ куну ба хонаи падарат баргард. Ба ман зани ноуҳдабаро лозим нест. Ҷавон занро назди падараш оварду гуфт:

- Аввал ба духтаратон пухтупазро омӯзеду баъд ба шавҳар диҳед. Чун падар қиссаро шунид, гуфт:

- Боке нест, худи ҳозир ман бо модараш пӯхтани гӯсфандро ба духтарамон меомӯзем. Бихез, аз оғил як гӯсфандро биёр ва онро кушта аз пӯсташ ҷудо кун, мо дегу оташдонро тайёр мекунем.

Ҷавон гуфт: - Ман гӯсфанд кушта наметавонам.

Падари духтар гуфт: - Ин тавр, ки бошад, бирав, аввал ба падару модарат бигӯй, ки сараввал ба ту маҳорати мардонагиро омӯзанд, пас дар маҳорати занонаи ҳамсарат айб биҷӯй.

Чунин аст, холати ҳар яки мо, худ комил нестем, вале дар ҷустани айби дигарон маҳорати баланд дорем...

Боҷу хироҷ
МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мазҳаб ҶУМЪА

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 67 956